**ЧАМАН АЗ БУЛБУЛУ ГУЛБАРГ НАВОЕ ДОРАД,**
**ОЛАМ АЗ ТАЛЪАТИ НАВРӮЗ САФОЕ ДОРАД.**


*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

20 марти соли 2018

№ 4-5 (80-81)


## СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ВОХӮРӢ БО ЗИЁИЁНИ МАМЛАКАТ

**19.03.2018, шаҳри Душанбе**



**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам аҳли зиёи кишвар!**

Дар остонаи ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ нахуст, кулли мардуми шарифи Тоҷикистони азиз, ҳамзабонони бурунмарзӣ, мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз ва ҳамаи зиёиёни мамлакатро ба ифтихори ин ҷашни бостонӣ табрик мегӯям.

Дар Соли нави аҷдодӣ ба мардуми шарифи Тоҷикистон бахту нишот, сулҳу субот, ваҳдати ҷовидона ва ба ҳар яки шумо - зиёиёни муҳтарам нерӯи тоза ва илҳоми эҷодӣ орзу менамоям.

Дар ҷараёни омодагӣ ба ин ҷашни бостонӣ моро зарур аст, ки анъанаҳои деринаи миллиамонро густариш бахшем, мардумро ҳарчи бештар муттаҳид созем ва онҳоро ба ободу зебо гардонидани диёрамон сафарбар намоем.

Бовар дорам, ки аҳли зиёи мамлакат, олимону донишмандони ҷомеашиноси мо, аз ҷумла муаррихону мардумшиносон минбаъд ба омӯзиш ва таҳқиқи асолати таърихии ҷашни Наврӯз таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, аҳли эҷод беҳтарин асарҳои худро ба ин мавзӯъ мебахшанд ва нақши ҷаҳонии онро дар таҳкими сулҳу субот, дӯстиву бародарӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва робовити судманди тамаддунҳо боз ҳам равшану возеҳ месозанд.

Дар даврони соҳибистиқлолии давлатамон зиёиёни кишвар ба як нерӯи тавоно табдил ёфта, дар таҳкими маънавиёти ҷомеа ва ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллиамон иштироки фаъолона доранд.

Онҳо бо дарки масъулияти баланди ватандӯстӣ барои ташаккули андеша ва тафаккури пешрафта, тарғиби дастовардҳои истиқлолият, ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва тавсеаву густариши худшиносиву худогоҳии миллӣ дар ҷомеа саъю талош карда истодаанд.

Дар баробари ин, таъкид месозам, ки мо бояд ҳамкории эҷодиро пеш аз ҳама, дар миёни зиёиёну фарҳангиёни кишвар тақвият бахшем.

Моро зарур аст, ки дар шароити кунунӣ таҷрибаи талхи гузаштаи хешро аз мадди назар дур насозем ва нерӯи тавонои илмиву эҷодии аҳли зиёро ба таҳкими ваҳдат ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ равона созем.

Вобаста ба ин, зиёиёни кишвар бояд бо мардум, аз ҷумла наврасону ҷавонон мунтазам вохӯриҳо гузаронида, ғояҳои давлатдорӣ, таҳкими сулҳу субот ва арзишҳои фарҳанги миллиро фаъолона тарғиб намоянд.

Дар шароити феълӣ, ки бархӯрди тамаддунҳо дар ҷаҳон торафт тезутунд мешавад, омӯхтан ва таҳқиқ кардани мероси бостонӣ, ҳифзи арзишу суннатҳои милливу мардумӣ ва ёдгориҳои таърихӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Таҳқиқи ҷиддии мероси гаронбаҳои гузаштаи тоҷикон, ёдгориҳои фарҳангӣ ва тарғиби суннатҳои мардумӣ вазифаи муҳимтарини намояндагони илму маориф, аҳли эҷод ва ҳамаи зиёиёни кишвар мебошад.

Дарвоқеъ, таърих ойинаи ҳар як халқу миллат мебошад. Мо бояд ин ойинаро ҳамеша беғубор нигоҳ дорем, то ки мардум ва махсусан, наврасону ҷавонон роҳи пуршарафи тайкардаи халқамонро дар он равшану возеҳ дида тавонанд.

Ҳар кадоми мо хуб медонем, ки халқи фарҳангиву тамаддунсози тоҷик дар тӯли таърихи худ воқеаҳои зиёдеро пушти сар кардааст, ки онҳо ҳамчун сабақи зиндагӣ имрӯз низ хизмат карда метавонанд.

Нақши рӯйдодҳои гузашта дар ҳар як ёдгории таърихӣ, осори қадима, катибаву сангнигораҳо, деворнигораву пештоқҳои қалъаҳои бостонӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихиву фарҳангии миллатамон ҳифз шуда, то замони мо расидааст.

Вазифаи мо аз он иборат аст, ки ин мероси гаронбаҳоро ҳифз карда, барои эҳё ва барқарор сохтани онҳо саъю кӯшиш намоем ва онҳоро ҳамчун са-

*(Давомаш дар саҳ. 2)*

**Бо амри тақдир ва бо сабабҳои гуногун тайи ду даҳсолаи охир халқҳои бародари тоҷику ӯзбек бегона шуда, қариб ҳамдигарфаҳмиро аз даст дода буданд. Вале мо имрӯз ҳамаи монеаҳоро бо ташаббуси муштарак бартараф намудем. Ва ҳоло бо итминон изҳор медорем, ки имкониятҳои дуҷонибаро босамартар истифода намуда, дар муддати кӯтоҳтарин ба сатҳи баландтарини муносибатҳои миёни кишварҳоямон мерасем.**

*Эмомали Раҳмон*

## НАВРӮЗ - ОҒОЗИ СОЛ, ЭҲЁИ ТАБИАТ, САРМАНШАИ ҲАМА ГУНА КОРҲОИ НЕКУ ХАЙР

### Табрикоти ректори ДТТ, Амонзода Илҳом Темур ба муносибати ҷашни байналмилалии Наврӯз

**Ҳамкасбон ва донишҷӯёни азиз!**

Нахуст ҳамаи шуморо бо иди Баҳори нозанин ва Наврӯзи хуҷастапай, ки аз соли 2010 дар сатҳи ҷаҳонӣ таҷлил мегардад, самимона табрику таҳният гуфта, бароятон бахту саодат, сарбаландӣ ва тамоми хушиҳои рӯзгорро орзу мекунам.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, Наврӯз таҷассуми меҳнати озод ва бунёдкорона, талоши созандагӣ, некхоҳиву бахшояндагӣ, ватанпарварӣ ва дӯстии халқҳо мебошад.

Боиси хурсандист, ки дар арафаи ин ҷашни қадимаи миллӣ муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва дӯстию рафоқати мо бо Ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон, ки тайи ду даҳсола коҳиш ёфта буд, барқарор гардида, як қатор шартномаҳо ба имзо расонида шуданд, ки ба боз ҳам мустаҳкам гардидани муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкориҳои судманди ҳар ду кишвар мусоидати бештар хоҳанд кард.

Барои мову Шумо ва тамоми сокинони ҷумҳурӣ, ки ворисони мардуми ориёитабор маҳсуб меёбем, ҷаҳонишавии Наврӯз ва ҷашни байналмилалӣ эълон шудани он аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ифтихори бузург аст.

Расман ҷаҳонишавии Наврӯз натиҷаи саъю кӯшишҳои зиёди тӯлонии муҳаққиқони наврӯзшинос ва намояндагони сарони кишварҳои Тоҷикистону Эрон, Озарбойҷон, Афғонистон, Қазоқистону Қирғизистон ва Туркманистону Туркиё, ки Наврӯз ҳамасола дар ин кишварҳо ҳамчун иди аҷдодӣ таҷлил мегардад, мебошад.

Ин ҷашн, ки таърихи беш аз панҷҳазорсола дошта, аз замони Ҷамшед ҷашн гирифта мешавад, дар даврони истиқлолият шукӯҳу шаҳомати хосса пайдо карда, сол то сол рушд меёбад.

Наврӯз, ки онро иди оғози сол низ мегӯянд, эҳёи табиат, саршавии киштукор ва сарманшаи ҳама гуна корҳои неку хайр буда, мардум дар ин айём ба ниҳолшинонӣ хайру саховатмандӣ ва бунёдкориву созандагӣ бештар машғул мешавад.

Боиси хурсандист, ки устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон анъанаҳои неки созандагию бунёдкориро, ки аз қадим ба мо омада расидаанд, идома дода , дар бобати тозаю озода нигоҳ доштани кӯчаю хиёбонҳои шаҳр, шинонидани гулу гулбуттаҳо ва дарахтони мевадиҳандаю сояафкан, инчунин сабзу хуррам гардонидани ҳудуди донишгоҳ саҳм арзанда гузошта истодаанд.

Иштироки фаъолонаи Шумо устодону



кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ дар ҳашарҳои умумихалқӣ ва ободонии донишгоҳ шаҳодати ин гуфтаҳоанд.

Дар ин рӯзҳои фараҳбахши наврӯзӣ бори дигар ҳамаи Шуморо бо фарорасии ин ҷашни бузург самимона шодбош гуфта, бароятон бахту саодат, барори корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҳсили хубу аъло таманно дорам.

Итминони комил дорам, ки Наврӯзи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба хонадони ҳар яки шумо файзу баракат оварда, рӯзгоратонро ободу зебо ва гулгулшукуфии кишвари азизамонро таъмин месозад.

## СУРУДИ ДӮСТӢ

Ҷаҳон донад, ки мо ҳамсоя ҳастем,
Ба ҳар шодиву ғам якҷоя ҳастем.
Ба зери боми даврон ворисонанд,
Ба ин даргоҳи ҳастӣ поя ҳастем.

Насими дӯстии мо вазон аст,
Баҳори ошноён бехазон аст.

Раҳи тақдири мо ҳамранг бошад,
Сари мо сахттар аз санг бошад.
Фақат созе, ки номаш ошноист,
Ба тори қалб ҳамоҳанг бошад.

Насими дӯстии мо вазон аст,
Баҳори ошноён бехазон аст.

Зи Ҷомиву Навоӣ панд орем,
Ба номи рафтагон савганд дорем.
Ба боғи пурумеди зиндагонӣ,
Ҳазорон решаи пайванд дорем.

Насими дӯстии мо вазон аст,
Баҳори ошноён бехазон аст.

## ҚАДРИ ҲАМСОЯ

Ҳамнишину ҳамқадам моем,
Ёр дар шодиву ғам моем,
Шукргӯ дар бешу кам моем,
Ҳаст то дунё, ба ҳам моем.

Мужда орад аз давоми нек,
Дӯстии тоҷику ӯзбек.

Бошад аз як чашма рӯди мо,
Савти ширину суруди мо.
Атласи ишқу муҳаббатро,
Бофтанд аз тору пуди мо.

Мужда орад аз давоми нек,
Дӯстии тоҷику ӯзбек.

Номи мо дар даҳр машҳур аст,
Қалби мо дар сина масрур аст.
Ҳамнаво тори умеди мост,
Builder

Мужда орад аз давоми нек,
Дӯстии тоҷику ӯзбек.

*Муҳаммад Ғоиб,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

# СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ВОХӮРӢ БО ЗИЁИЁНИ МАМЛАКАТ

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

баҳи таърих ба наслҳои оянда мерос гузорем.

Ҳукумати мамлакат бо дарки аҳаммияти ин масъала аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ба нигоҳдории мероси моддиву маънавии халқи тоҷик таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда, бо вуҷуди имконоти маҳдуди молиявӣ ба барқарорсозии ёдгориҳои таърихӣ оғоз намуд.

Тайи ду даҳсолаи охир як қатор иншооти таърихиву фарҳангӣ ва ёдгориҳои меъморӣ таъмиру тармим гардида, ба макони сайру саёҳати сокинони кишвар ва сайёҳони хориҷӣ табдил дода шуданд.

Дар баробари ин, Ҳукумат "Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020" - ро қабул намуд, ки дар асоси он барои таъмиру барқарорсозӣ, корҳои бостоншиносӣ ва тарғиби мероси моддиву маънавии халқамон маблағҳои муайян пешбинӣ гардидаанд.

Тибқи маълумоти Вазорати фарҳанг ҳоло дар кишвар зиёда аз 2900 ёдгории таърихиву меъморӣ мавҷуд аст.

Вале то ба имрӯз дар 695 ёдгории таърихиву меъморӣ корҳои илмиву бостоншиносӣ ва навсозиву барқарорсозӣ оғоз нагардида, онҳо дар ҳолати ниҳоят хароб қарор доранд. Ҳарчанд ки доир ба баъзеи ин ёдгориҳо дар сарчашмаҳои таърихӣ ишораҳо мавҷуданд, вале дар замони истиқлолият дар ин самт маълумоти иловагӣ кам ҷамъоварӣ шуда, дар баъзе аз ин мавзеъҳо корҳои ҷустуҷӯиву ҳафриётӣ ҳанӯз шурӯъ нашудаанд.

То имрӯз мо барои таъмиму барқарорсозии ёдгориҳои зикршуда, аз ҷумла қалъаи Ҳисор даҳҳо миллион сомонӣ сарф кардем. Вале натиҷаи корҳо қаноатбахш нест. Масъулон ба ин масъала муносибати ҷиддӣ намекунанд, чунки завқ надоранд.

Дигарҳо дар ҷойи холӣ аз ҳеҷ чиз як чиз месозанд ва ба маърази тамошои мардуми худ ва сайёҳон мегузоранд, миллаташонро муаррифӣ мекунанд ва даромад мегиранд.

Мо дар даврони соҳибистиқлолӣ се маротиба мақбараи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро дар шаҳри Панҷакент, оромгоҳҳои Мир Саид Алии Ҳамадониро дар шаҳри Кӯлоб се-чор маротиба, Туғрали Аҳрориро дар ноҳияи Айнӣ ва Камоли Хуҷандиро дар шаҳри Хуҷанд таъмиру барқарор намудем. Инчунин, чанде аз мақбараҳои мутафаккирони пешин, аз ҷумла Ҳазрати Султон, Муҳаммад Шақиқи Балхӣ, Ҳазрати Бурхи Валӣ, Муҳаммади Башоро ва биноҳои қадимаро дар шаҳру ноҳияҳои кишвар обод кардем.

Аз Фонди Президенти мамлакат биноҳои асосӣ ва гирду атрофи қалъаҳои Ҳисор, Ҳулбук ва Хуҷанд барқарор гардида, ҷиҳати идома додани корҳои илмиву бостоншиносӣ, ба тартиб даровардани деворҳо ва сохтмони манораву кушкҳо маблағҳои иловагӣ равона шуда истодаанд.

Барои барқарор кардан ва таъмиру таҷдиди қалъаҳои Муъминобод ва Балҷувони вилояти Хатлон, Муғтеппаи Истаравшан, Санҷаршоҳи Панҷакент ва Вомари Рӯшон дар доираи барнома маблағ ҷудо шуда, корҳо дар ин самт идома доранд.

Бояд гуфт, ки аз ҷониби мутахассисони соҳаи фарҳанг корҳои лоиҳакашии ёдгориҳои таърихӣ низ суст ба роҳ монда шуда, то ба ҳол лоиҳаи мақбараҳои олимону мутафаккирони ислому ирфон Хоҷа Аюби Ансорӣ, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, Мавлоно Фатҳуллоҳи Чустӣ ва Хоҷа Нақшрон омода нашудааст.

Лоиҳаи қалъаҳои Кӯлоб, Шаҳритус, Исфара, дайри буддоии Аҷинатеппаи Вахш ва сангнигораҳои ноҳияи Айнӣ то ҳол ба анҷом нарасидааст. Ғайр аз ин, ёдгориҳои Тахти Сангини ноҳияи Қубодиён, Аҷинатеппаи ноҳияи Вахш дар ҳолати ногувор қарор дошта, таъмирталаб мебошанд ва дар даврони истиқлолият кам таҳқиқ шудаанд. Ёдгории Тахти Сангин то ҳол роҳи дуруст надорад ва сайёҳон бо мушкилӣ ба ин мавзеъ мерасанд.

Бояд гуфт, ки корҳои мувaққатан пӯшонидан ва обод кардани шаҳраки Саразм низ ба таъхир афтода, омӯзишу таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ин мавзеъ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки бозёфтҳои маданияти қадимаи халқи тоҷик ба ҳазорсолаи чоруми то мелод мансуб буда, аввалин шаҳрҳову нахустин давлатҳои таърихии мо дар ҳамин сарзамин ба вуҷуд омадаанд, ки намунаи беҳтаринашон шаҳраки қадимаи Саразм мебошад.

Ҳукумат аз соли дуҳазорум ба ёдгории Саразм ҳамчун намунаи барҷастаи осори таърих таваҷҷуҳ зоҳир карда, бо қарори худ Маркази ташаккули тамаддуни кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон - "Мамнӯъгоҳи таърихиву бостоншиносии Саразм" - ро таъсис дод ва барои корҳои ҷустуҷӯиву бостоншиносӣ ва ободу барқарор кардани он ҳамасола маблағ ҷудо мекунад.

Дар баробари ин, бо дастури Ҳукумат маводи зарурӣ ҷиҳати пешниҳод кардани Саразм ба рӯйхати мероси таърихии халқи тоҷик ба ЮНЕСКО омода ва ирсол гардида, Саразм ҳамчун намунаи шаҳри қадим аз тарафи ин созмони ҷаҳонӣ эътироф ва моҳи июни соли 2010 ба феҳристи мероси фарҳанги умумибашарӣ ворид гардид.

Вобаста ба ин, таъкид месозам, ки корҳо дар самти ба феҳристи мероси фарҳанги умумибашарии ЮНЕСКО ворид намудани дигар ёдгориҳои таърихии кишвар назаррас нестанд.

То ба ҳол ёдгориҳои Тахти Сангин, Аҷинатеппа, Ҳулбук, қалъаҳои Ҳисор, Кӯлоб, Хоҷамашҳад дар ноҳияи Шаҳритус, Панҷакенти қадима, Бунҷекати ноҳияи Шаҳристон ва Ямчун воқеъ дар ноҳияи Ишкошим ба рӯйхати ЮНЕСКО ворид нашудаанд.

Аз шумораи умумии ёдгориҳои таърихие, ки дар мамлакат вуҷуд доранд, мо то имрӯз номгӯйи ками онҳоро ба рӯйхати созмонҳои байналмилалӣ ворид кардаем.

Бинобар ин, зарур аст, ки дар ин самт корҳои омӯзишӣ ва ташкилӣ вусъат бахшида шаванд.

Ман дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар иброз доштам, ки "дастовардҳои маънавию моддии мардуми шарифи мо ба феҳристи умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гарданд ва нақши тамаддунсози миллати тоҷикро минбаъд низ боло бардоранд".

Вобаста ба ин, вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илм, Академияи илмҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбие, ки бо ихтисоси таърих ва бостоншиносӣ мутахассис тайёр мекунанд, вазифадор карда мешаванд, ки корҳои бостоншиносиро дар ёдгориҳои таърихиву фарҳангии мамлакат вусъат бахшанд ва ҷустуҷӯҳои илмиро дар ин мавзеъҳо мунтазам идома дода, ҷиҳати таъмиру тармим, зиёд кардани нигораҳо ва ба тартиб даровардани онҳо чораҷӯӣ кунанд ва ёдгориҳои таърихиро бо мақсади ворид намудан ба феҳристи ёдгориҳои ҷаҳонӣ ба ЮНЕСКО пешниҳод намоянд.

Ҳамчунин, мо бояд дар назди ёдгориҳои зикршуда инфрасохтори зарурӣ бунёд намоем ва мавзеъҳои таърихии Ҳулбук, Кӯлоб, Хуҷанд, Балҷувон, Муғ, Ямчун, Кангурттут, Хушдилон (Торбулоқ), Карон, Тахти Сангин, Хоҷамашҳад, Саразм, Аҷинатеппа, Панҷакенти қадим ва дигар ёдгориҳои таърихиву фарҳангиро пурра барқарор карда, онҳоро ба макони сайру саёҳат табдил диҳем.

Дар робита ба ин, бо дарназардошти аҳаммияти шаҳри қадимаи Саразм пешниҳод менамоям, ки соли 2020-ум 5500-солагии Саразми бостонӣ ҳамчун маркази ташаккули маданияти кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозии тоҷикон ҷашн гирифта шавад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шудани соли 2018, ки ҳадафи асосии он муаррифии шоистаи миллати тоҷик мебошад, дар навбати аввал, ба эҳёи ҳунарҳои миллӣ ва афзоиши дастранҷи шахсони эҷодкору соҳибистеъдоди кишварамон мусоидат хоҳад намуд. Ниёгони мо аз замонҳои хеле қадим ба ҳунармандӣ ва косибӣ рӯ оварда, дар тӯли асрҳои зиёд ҷиҳати эҷоди садҳо навъи ҳунар роҳ кушодаанд.

Намунаҳои ҳунари гузаштагони мо дар рӯйи санг, деворнигораҳо, тангаҳои тиллоӣ ва мисиву нуқрагӣ ва пӯсти ҳайвоноту дарахтон ҳифз шуда, аз насл ба насл то замони мо расидаанд.

Вале бо мурури замон баъзеи онҳо аз байн рафта, қисми дигарашон дар маҳалҳои гуногуни диёрамон дар миёни аҳолӣ то ба имрӯз боқӣ мондааст, ки ҳар кадоми он намунаи барҷастаи мероси моддиву маънавии халқи тоҷик ба шумор меравад.

Дар осори ҳунарии мардуми тоҷик аз қадим нақшу нигори нафис мавқеи асосӣ дошта, таассуроти ғании онҳо, ки асосашро табиати зебои Тоҷикистони биҳиштосо ва завқи баланди фарзандони ҳунармандаш ташкил медиҳад, дар ҷӯб, санг, гаҷ, деворнигора, матоъ ва монанди инҳо бо маҳорати хос ифода шудаанд.

Дар маҳсули дасти мисгарон, заргарон, кулолгарон, читгарон, бофандагон, чеварон, созтарошон ва дигар ҳунарҳои роиҷ намунаҳои рангу бор ва нақшу нигореро дидан мумкин аст, ки ҷанбаи қадимаи таърихиву фарҳангӣ дошта, дар айни замон бо осори маънавии шифоҳиву хаттии халқ пайванди мустаҳкам доранд.

Танҳо дар мисоли як ҳунари нодир - кундалкашӣ ё кундалсозӣ садҳо рангу нақшу нигор мушоҳида мегардад ва хушбахтона, ин ҳунари нафису дилкаш дар кишвари мо хеле инкишоф ёфтааст.

Лекин бояд гуфт, ки баъзе ҳунарҳо, аз қабили кулолгарӣ, заргарӣ, матоъбофӣ, читгарӣ, намадбофӣ, бурёбофӣ, алочабофӣ, истеҳсоли маҳсулоти дастии гаҷкорӣ ё сафоливу шишагӣ ва аз сангҳои нимқимату ороишӣ кам рушд карда, дар баъзе шаҳру ноҳияҳо ба фаромӯшӣ рафтаанд.

Бо мақсади эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, ки яке аз роҳҳои ба шуғл ҷалб кардани аҳолӣ мебошад, мо имсолро соли рушди ҳунармандӣ эълон кардем ва аллакай барои фурӯши маснуоти дар хона истеҳсолшаванда ва навъҳои зиёди ҳунарҳои мардумӣ имтиёзҳо муқаррар карда, онҳоро аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод намудем.

Гузашта аз ин, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, кумитаҳои кор бо занон ва оила, рушди сайёҳӣ, ҷавонон ва варзиш, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш додем, ки барои эҳёи ҳунарҳои мардумӣ тадбирҳои амалӣ андешанд.

Ҳунари навозандагӣ ва сароянагӣ низ ҳамчун мероси маънавӣ як ҷузъи муҳимми фарҳанг мебошад.

Мақомхонӣ ва фалаксароӣ намунаи маҳсули эҷоди гузаштагони дури мо, аз ҷумла Борбади Марвазӣ буда, дар тӯли таърих таҳаввулу ташаккул ёфтааст ва дертар дар шакли дувоздаҳмақому шашмақом маъмул гардидааст.

Баробар бо ривоҷи мақомхонӣ тавассути ҳунармандон асбобҳои нодири мусиқӣ барои ин навъи санъат пайдо шуданд, ки асрҳост ба қалби одамон шодиву сурур ва рӯҳу илҳом мебахшанд. Ба ҳамин монанд дар сарзамини тоҷикон намунаҳои зиёди касбу ҳунарҳо пайдо шудаанд, ки қисме аз онҳо то замони мо расидаанд ва баъзеяшон бояд эҳё карда шаванд.

Созтарошиву наққошӣ, мисгариву заргарӣ, чевариву гулдӯзӣ, читгариву алочабофӣ, шоҳиву адрасбофӣ, гилему қолинбофӣ ва монанди инҳо аз ҳамин қабил ҳунарҳо мебошанд. Хушбахтона, ҳоло атласу адрасбофӣ торафт тараққӣ карда, чевариву чакандӯзӣ низ миёни мардум маҳбубият пайдо карда истодааст.

Ҳоло зарур аст, ки барои ҳунармандон шароит фароҳам оварем ва доираи истифодаву фурӯши маҳсулоту маснуоти онҳоро на танҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он низ тавсеа бахшем.

Ин як роҳи беҳтарини эҳёи фарҳангу ҳунарҳои миллӣ ва дар айни замон ба ҷаҳониён муаррифӣ кардани миллат ва давлат мебошад.

Вале хотирнишон месозам, ки навъҳои зикршудаи ҳунар то ҳанӯз ба ҷаҳониён кам муаррифӣ шудаанд. Мувофиқи маълумоти Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз аз мероси ғайримоддии халқи тоҷик "Шашмақом", "Оши палав" ва "Наврӯз" ба феҳристи ЮНЕСКО ворид гардида, "Фалак" ва "Чакан" пешниҳод шудааст.

Мо на танҳо Наврӯз, балки ҷашнҳои Меҳргон ва Садаро эҳё кардем. Вале омӯзиши ин ҷашнҳои миллӣ васеъ ба роҳ монда нашуда, ҷанбаҳои мардумии онҳо пурра таҳқиқ ва муаррифӣ нагардидаанд ва ҷашнҳои Меҳргону Сада то ҳанӯз ба таври шоиста муаррифӣ нашудаанд.

Вақти он расидааст, ки муҳаққиқон доир ба ин се ҷашн ва дигар маросиму ойинҳои миллиамон "Донишномаи ҷашнҳои миллии тоҷикон" - ро таҳия карда, ба нашр расонанд ва суннату арзишҳои мардуми моро ба оламиён муаррифӣ намоянд.

Вобаста ба ин, Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои фарҳанг, корҳои хориҷӣ, Академияи илмҳо ва Сарредаксияи Энсиклопедияи миллии тоҷик вазифадоранд, ки ҷиҳати муаррифии ҳарчи бештари мероси ғайримоддии халқи тоҷик чораҷӯӣ карда, сарчашмаҳои таърихиеро, ки оид ба ҷашну маросим ва ҳунарҳои қадимаи мо маълумот медиҳанд, таҳияву чоп намоянд ва онҳоро ба хонандагони дохиливу хориҷӣ пешниҳод созанд.

Дар баробари ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки якҷо бо вазоратҳои фарҳанг, саноат ва технологияҳои нав, кумитаҳои рушди сайёҳӣ, оид ба корҳои занон ва оила, ҷавонон ва варзиш, телевизион ва радио, иттифоқҳои эҷодӣ, инчунин, олимони мардумшиносу бостоншинос ба масъалаи эҳё кардану тараққӣ додани ҳунарҳои мардумӣ эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

Аз ҷумла, озмунҳои мухталиф доир карда, дар маркази шаҳру ноҳияҳо мағозаву растаҳои махсуси фурӯши маснуоту ашёи истеҳсолкардаи ҳунармандонро барои аҳолӣ ва сайёҳон ташкил намоянд ва барои шахсони бешуғл курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ таъсис диҳанд.

Зиёиёни кишвар, аз ҷумла адибону рӯзноманигорон ва умуман, аҳли эҷодро лозим аст, ки дар ташвиқу тарғиби фарҳанги миллӣ, касбу ҳунарҳои мардумӣ ва мероси моддиву ғайримоддии халқамон фаъолона иштирок намоянд.

**Дӯстони азиз!**

Солҳои охир мо ба рушди сайёҳӣ афзалият дода, барои бунёди инфрасохтори муосир тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодаем. Бунёди меҳмонхонаҳои ҳозиразамон дар шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳо, марказҳои фароғату истироҳат боиси боло рафтани мавқеи кишварамон дар соҳаи сайёҳӣ гардида, шумораи сайёҳон ба мамлакат торафт меафзояд.

Дар ин кори хайр баробари сохторҳои давлатӣ бахши хусусӣ низ фаъол мебошад.

Дар муддати кӯтоҳ ба фаъолият оғоз кардани осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои "Баҳористон", "Сафеддара", "Шоҳамбарӣ", "Зумрад", "Хоҷа Обигарм", "Оби гарм", "Чаҳорчаман", "Гармчашма"," Сароб", "Зайрон" ва дигар марказҳои муосири истироҳату табобат ба зиёд шудани шумораи меҳмонони хориҷӣ ва сайёҳон мусоидат менамояд.

Мо доираи минтақаҳои сайёҳии кишварамонро васеъ карда, баробари дараҳои Варзобу Ромит ва ноҳияи Балҷувон дар дигар мавзеъҳои Ватани маҳбубамон ҷойҳои сайру саёҳат бунёд мекунем ва онҳоро ба макони истироҳату фароғати шаҳрвандон ва сайёҳон табдил медиҳем.

Имрӯзҳо сайёҳони зиёд хоҳиши саёҳат тавассути хатсайри "Роҳи бузурги абрешим"-ро доранд. Дар ин ҷода масир ё хатсайри "Харгӯш" метавонад воситаи хуби ҷалби сайёҳон шавад, зеро аз қадим бо ин роҳ корвонҳо ба шаҳрҳои соҳили Амударё ворид шуда, Чинро бо Осиёву Аврупо мепайвастанд.

Дар масири ин роҳ то пойтахти мамлакат пайраҳаҳои махсус, қалъаҳои "Ямчун", "Вранг", "Зонг", чашмаҳои "Авҷ", "Ҷелондӣ", "Фотимаву Заҳро", "Гармчашма", шаҳраки "Карон", қалъаҳои "Кӯлоб"-у "Ҳулбук", чашмасору обшорони Сари Хосор, мақбараҳои Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Мавлоно Тоҷиддин, Шақиқи Балхӣ ва даҳҳо чашмаҳои шифобахшу обҳои мусаффо ҷойгиранд, ки сайёҳон ва шаҳрвандони мо имкон доранд ҳам саломатиашонро барқарор кунанд ва ҳам аз ин ёдгориҳо дидан намоянд.

Яъне мо имконият дорем, ки бо истифода аз онҳо сайёҳии табобатиро хеле тараққӣ диҳем.

Бовар дорам, ки эълон шудани Соли рушди сайёҳӣ ба ободу зебо гардидани ин мавзеъҳои сайру саёҳат мусоидат мекунад ва барои ҷалби ҳарчи бештари сайёҳон ба кишварамон заминаи хуб фароҳам меорад.

Дар ин раванд, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва омодаву эҳё намудан, пешниҳод кардани беҳтарин таомҳои миллӣ дар мавзеъҳои сайёҳиву меҳмонхонаҳо, ки метавонад боиси беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ гардад, инчунин, тавсеа бахшидани маърифати экологии мардум ниҳоят зарур мебошад.

Вобаста ба ин, олимони моро зарур аст, ки заминаҳои таърихии ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар мисоли ҳунарҳои мардумӣ ва рушди сайёҳӣ, ки яке аз василаҳои муҳимми пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад, ҳаматарафа таҳқиқ намоянд.

Дар ин замина, ҷалби васеи аҳолӣ ба китобхонӣ ва оммавигардонии мутолиаи китоб, гузаронидани озмунҳои шеърхониву байтбарак, инчунин, донистани забонҳои хориҷӣ муҳим мебошад.

Зеро сайёҳон бо мардум муошират менамоянд, аз таъриху фарҳанг ва осори гаронбаҳои халқ пурсон мешаванд. Агар мо аз таъриху фарҳанги халқамон хуб огоҳӣ дошта бошем, забондон бошем, мероси халқамонро метавонем ҳарчи бештар муаррифӣ намоем.

Интишори "Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик" дар ду ҷилд вобаста ба омӯзиши урфу одат, анъана, расму ойин, маросими хурсандиву азодорӣ ва касбу ҳунарҳои мардумӣ иқдоми хубест, ки бояд идома дода шавад.

Академияи илмҳо ва Сарредаксияи илмии "Энсиклопедияи миллии тоҷик" бояд ҷилдҳои боқимондаи онро низ сари вақт ва бо сифати хуб аз нашр бароварда, дастраси хонандагони дохиливу хориҷӣ гардонанд.

**Зиёиёни арҷманд!**

*(Давомаш дар саҳ. 3)*

(Аввалаш дар саҳ. 1,2)

# СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ВОХӮРӢ БО ЗИЁИЁНИ МАМЛАКАТ

Бояд тазаккур дод, ки забони миллӣ барои дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ кардани миллат нақши калидӣ дорад. Гузашта аз ин, забони тоҷикӣ ба сифати яке аз забонҳои ширину шоирона ва шевотарини дунё аз ҷониби бузургтарин шарқшиносони ҷаҳонӣ эътироф гардидааст.

Бузургони миллати тоҷик дар тӯли таърих бо ин забони ҷаззоб осори арзишманди адабӣ, бадеӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ба мерос гузоштаанд. Таърихи забони миллии мо шоҳиди он аст, ки маҳз забон бо иқтидор ва тавонмандиҳои худ миллати тоҷикро дар арсаи муборизаҳои сиёсӣ, мафкуравӣ ва фарҳангӣ муқовиматпазир сохтааст.

Мо ифтихор мекунем, ки Рӯдакиву Фирдавсӣ, Саъдиву Ҳофиз, Мавлонои Балхиву Бедил ва ҳазорон нафари дигар қалби ҷаҳониёнро бо ин забони ноб, яъне забони модариву давлатии мову шумо тасхир кардаанд.

Бинобар ин, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба рукни муҳимми фарҳангсозу миллатсоз - забони давлатӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи зиёиёни мамлакат дар шароити кунунӣ маҳсуб меёбад.

Бояд ёдовар шуд, ки забони тоҷикӣ давраҳои мухталифи таърихиро паси сар карда, дар аҳди Сомониён забони расмии давлатӣ эълон гардида буд.

Бо талошу заҳмати фарзандони маърифатпарвари халқ забони тоҷикӣ давра ба давра ташаккул ва таҳаввул ёфта, қаламрави истифодаи он аз Мовароуннаҳру Хуросон фаротар рафта, ба Қафқозу Осиёи Хурд, Ироқу нимҷазираи Ҳинд доман паҳн кард ва садсолаҳо нақши забони байналмилалиро иҷро намуд.

Саҳми тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон дар зинда нигоҳ доштани забон беназир аст. Зеро макони пайдоиши ин забон маҳз Мовароуннаҳру Хуросон мебошад.

Барои насли имрӯзаи мо омӯхтани таърихи забони тоҷикӣ муҳим буда, донистани равандҳои таҳаввул ва ташаккули рушди он шарти зарурӣ мебошад.

Мо бояд кӯшиш намоем, ки дар замони ҷаҳонишавӣ истиқлоли фарҳангӣ ва забонии худро ҳифз кунем ва рукнҳои пойдории миллат ва кишварро тавассути забон таҳким бахшида, онҳоро ҳарчи бештар устувор гардонем.

Дар замоне, ки мо ба сӯйи истиқлолияти миллӣ ва фарҳангӣ роҳ кушодаем, лозим аст, ки забони худро ба дараҷаи як забони шево тақвият бахшем, то ба корвони фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамсафарӣ карда тавонем.

Дар робита ба ин масъала, бори дигар шумо - зиёиён ва олимони кишварро даъват мекунам, ки дар бобати дуруст истифода бурдани мафҳуми "забони тоҷикӣ" бетараф набошед ва ба назару мавқеи худро равшану боҷуръатона баён намоед.

Андешаву назари онҳоеро, ки дину мазҳаб ва имону миллати худро ба бегонагон фурӯхтаанду ҳаққи маънавии тоҷик буданро надоранд, ҷотеъона маҳкум кунед.

Бори дигар хотирнишон месозам, ки зиёиён, аз ҷумла аҳли қалам дар назди забон, адабиёт ва завқи мардум масъулияти зиёд доранд.

Мо тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст, забони давлатиамонро - "забони тоҷикӣ" ва номи давлатамонро "Тоҷикистон" эълон намудем.

Аз ин лиҳоз, ҳар як шахси баору номус ва ватандӯст вазифадор аст, ки номи забону давлаташро бо дарки масъулият муаррифӣ намояд ва онҳоро чун гавҳараки чашм ҳифз созад.

Мо бояд мафҳумҳои "миллати тоҷик", "забони тоҷикӣ", "таърихи тоҷикон", "фарҳанги тоҷикӣ" ва "адабиёти тоҷикӣ"-ро баробари номи муқаддаси Тоҷикистон, модари хеш ва мисли ҷони худ дӯст дорем ва онҳоро бо ифтихор ба забон оварем.

Мо бояд ба омӯзиши забони адабӣ ё забони меъёрии тоҷикӣ пайваста саъю кӯшиш кунем ва барои тозагии баён, ифодаи соддаву равон ва саҳеҳии фикру андеша талош намоем.

Бинобар ин, сохтору мақомоти дахлдори давлатиро зарур аст, ки назорати қатъии риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" - ро дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла забони китобҳои илмиву таълимӣ ва маводи иттилоотӣ таъмин намоянд.

Иҷрои талаботи қонуни зикршуда, дар навбати аввал, вазифаи зиёиён мебошад.

Шумо тавассути воситаҳои ахбори омма огоҳед, ки чанд рӯз пештар дар ҷараёни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон мо тамоми масоили мавриди таваҷҷуҳи тарафайнро баррасӣ кардем ва ҳамаи монеаҳоеро, ки дар тӯли беш аз 26 сол садди роҳи муносибатҳои ҳасанаи халқҳоямон буданд, аз байн бардоштем.

Аз ҷумла эълон доштем, ки мо бояд барои истифодаи озодона ва рушди забонҳои модарии тоҷикон дар Ӯзбекистон ва ӯзбекҳо дар Тоҷикистон, пешрафти илму маориф, фарҳанг ва риояи расму ойин ва маросиму суннатҳои миллӣ шароит фароҳам оварем.

Акнун вазифаи зиёиён аст, ки ин масъалаҳоро тавассути баргузор намудани ҳамоишу конфронс, суҳбату машваратҳои илмиву фарҳангӣ ва омӯзишу таҳқиқи якҷоя баррасӣ намоянд.

Басо рамзист, ки имсол мо 140-солагии зодрӯзи поягузори адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон, устод Садриддин Айниро ҷашн мегирем. Саҳми устод Айнӣ дар пешрафти назму насри нави тоҷикӣ, илми адабиётшиносӣ, таърихнигорӣ, ҳунаршиносӣ, рӯзноманигорӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, мақолаҳои публитсистӣ, фарҳангнигорӣ ва монанди инҳо хеле бузург мебошад.

Барҳақ, устод Айнӣ дар тафаккури адабиву фарҳангии халқи тоҷик инқилоб ба вуҷуд оварда, онро ба шоҳроҳи нав ворид кардааст.

Махсусан, муборизаҳои ӯро дар мавриди тоза нигоҳ доштани забони адабӣ ё меъёрии тоҷикӣ ва оммафҳуму равон сохтани он зикр кардан зарур аст.

Мехоҳам таъкид кунам, ки мо дар сиёсати забон, қабл аз ҳама, дар мавриди забони тоҷикии меъёрӣ аз мерос ва андешаҳои устод Садриддин Айнӣ истифода мекунем. Зеро ба қавли устод Айнӣ " барои васеъ кардани забони илмӣ ва адабии тоҷик беҳтар аст, ки ба адабиёти классикӣ ва хазинаи забони зиндаи тоҷикӣ роҳ ёбем".

Ҳоло бори дигар хотиррасон месозам, ки иҷрои ин вазифаҳо, яъне таъмин намудани пешрафт ва тавсеаи доираи истифодаи забон, тараққиёти минбаъдаи илм, маориф, фарҳанг ва дигар масъалаҳои зиндагии ҷомеа, пеш аз ҳама, ба дӯши аҳли зиё ҳамчун нерӯи пешсафу пешбаранда вогузор мегардад.

Давлати мо наздик ба бисту ҳафт сол аст, ки дар роҳи истиқлолияти сиёсӣ ва низоми дунявӣ устуворона қадам ниҳода, ба дастовардҳои хеле назаррас ноил шудааст.

Моро зарур аст, ки ин комёбиҳои миллати тоҷикро васеъ тарғиб намоем ва ҷиҳати ҳифзу ҳимояи дастовардҳои истиқлолият аҳлона саъю талош карда, Ватани азизамонро боз ҳам ободу зебо гардонем.

Дар ин амри хайр ва корҳои созанда шумо - зиёиёни мамлакат бояд фаъол бошед ва аҳли ҷомеаро ҳидояту раҳнамоӣ намоед.

Имрӯз аксари иттифоқҳои эҷодӣ, аз ҷумла адибон, рассомон, меъморон, оҳангсозон, рӯзноманигорон, синамогарон, намояндагони соҳаҳои иҷтимоӣ, бахусус, омӯзгорон, олимон, табибон ва аҳли фарҳанг дар таҳкими давлатдории миллӣ ва муаррифӣ кардани Тоҷикистони азиз фаъолона иштирок дошта, аз манфиатҳои давлату миллат пуштибонӣ менамоянд.

Мо ба нерӯи созандаи шумо - зиёиёни Ватан бовару эътимод дорем ва минбаъд низ пайваста ба ин нерӯ такя карда, дар иттиҳоду ҳамбастагӣ давлат ва ҷомеаро ба сӯйи пешрафту тараққиёт раҳнамоӣ хоҳем кард.

Дар ин кори пуршараф ва дар айни замон, заҳматталаб ба ҳамаи шумо - зиёиёни муҳтарам барору комёбӣ орзумандам.

Бо итминони комил ба имконияту иқтидори зеҳнӣ ва донишу хиради шумо изҳор медорам, ки зиёиён ҳамеша нерӯи пешбаранда ва раҳнамои имрӯзу фардои неки миллати тоҷик хоҳанд буд.

Бори дигар Наврӯзи байналмилалиро ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва аҳли зиёи кишвар самимона табрик гуфта, ба шумо саломативу сарбаландӣ ва ба Ватани маҳбубамон Наврӯзи ҷовидона орзу менамоям.

**Ҷашни Наврӯзи Аҷам ба хурду бузурги Тоҷикистон ва ҳамаи шумо - зиёиёни муҳтарам муборак бошад!**

# ТАЪСИСИ МАРКАЗИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ КОММУНИКАТСИОНИИ ТОҶИКИСТОНУ КОРЕЯ

***13-уми марти соли 2018 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон маросими ифтитоҳи Маркази технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии Тоҷикистону Корея баргузор гардид.***




Ҷамъомадро ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур оғоз намуда, Сафири Ҷумҳурии Корея дар Тоҷикистон ҷаноби Ли У Чол ва ҳамроҳонашро ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон хайрамақдам гуфт.

Боиси сарфарозӣ ва ифтихор аст, ки- суханашро давом дода гуфт ректор,- имрӯз дар донишгоҳ Маркази технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии Тоҷикистону Корея бо дастгирии молиявии Ҳукумати Ҷумҳурии Корея расман ифтитоҳ мегардад.

Албатта, ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ширкатҳо, донишгоҳҳо ва марказҳои тадқиқотии Ҷумҳурии Корея, ки дар самти технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ муваффақиятҳои оламшумул доранд, барои ҳарду ҷониб аз манфиат холӣ нест. Ҳанӯз як сол муқаддам донишгоҳ бо ташкилоти куриёгии WTIT-интиқоли технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии ҷаҳонӣ шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонид. Дар доираи шартномаи ба имзо расонидашуда то ин замон чорабиниҳои зиёди банақшагирифташуда амалӣ гардиданд ва кушодашавии марказ мазкур яке аз ҳадафҳои он ба шумор меравад. Лозим ба ёдоварист, ки дар доираи ин ҳамкориҳо донишгоҳ имкон пайдо намуд, ки ҷиҳати рушди муносибатҳо ва тақвият бахшидан ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани тадқиқотҳои муштараки илмӣ бо дастгирии Фонди миллии Куриёгӣ (NRF) симпозиуми байналмилалӣ дар мавзӯи "Тарғиби технологияҳои иттилоотӣ дар Осиё" -ро бо ҷалби 10 нафар олимони соҳавӣ аз Корея, 1 нафар аз ИМА ва зиёда аз 70 нафар олимон аз муассисаҳои таълимии Тоҷикистон дар таърихи 29-30 июни соли сипаригашта ташкил ва баргузор намояд. Дар симпозиуми мазкур зиёда аз 25 нафар олимону муҳаққиқон аз ҳарду ҷониб бо мақола ва тезисҳои илмӣ маърӯза намуданд. Дар кори симпозиуми мазкур намояндагони ташкилотҳои давлатию ғайридавлатии манфиатдор оид ба рушди ТИК дар Тоҷикистон ширкат намуда, аз ташкили ин чорабинии илмӣ изҳори қаноатмандӣ ва дастгирӣ намуданд.

Дар баробари ин, ба нақша гирифта шуда буд, ки аз ҷониби мутахассисони куриёгӣ дар самти тадриси фанҳои заминавии барномасозӣ дар марҳилаи аввали ҳамкорӣ барои донишҷӯён машғулиятҳо гузаронида, дастури методӣ барои донишҷӯён ва хоҳишмандон бо забони тоҷикӣ таҳия намоянд ва ин аллакай амалӣ гардонида шуд. Аз оғози соли таҳсил барои 4 гурӯҳи академӣ аз фанҳои забонҳои барномасозии SCRATCH, PYTHON ва фанни муҳандисии барномавӣ ба донишҷӯёни курсҳои гуногун дарс гуфтанд.

Аллакай, бо тасмими маркази навтаъсис барои мактаббачагони Литсейи инноватсионии назди донишгоҳ низ машғулиятҳо ба нақша гирифта шудаанд, ки дар рӯзҳои наздик кори худро оғоз хоҳад кард.

Итминони комил дорем, ки баъди кушодашавии ин марказ имкониятҳо боз ҳам васеътар мегарданд ва мо имкон пайдо менамоем, ки ҳамкориҳои дуҷонибаро дар самти рушди ТИК дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монда, ба натиҷаҳои назарраси илмӣ-тадқиқотии муштарак ва интиқоли технологияҳои пешрафти соҳа ноил гардем.

Ректори донишгоҳ дар фарҷоми суханрониаш аз номи раёсати донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои дастгирии молиявию техникӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Корея изҳори миннатдорӣ намуд.

Сипас, сафири Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Ли У Чол зимни суханронӣ аз хусуси дӯстию ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Корея, бахусус дар соҳаи таҳсилоти касбӣ ёдовар шуда, таъсиси Маркази технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро намунаи барҷастаи ин ҳамкориҳо маънидод намуд.

Ҷаноби сафир ва ҳамроҳонаш аз дастовардҳои зеҳнии тайи солҳои соҳибистиқлолии кишвар бадастовардаи ҳайати устодону профессорон ва донишҷӯёну магистрантони донишгоҳ, аз қабили дастурҳои методию китобҳои таълифнамуда, патент оид ба ихтироту санадҳои татбиқотӣ ва сертификатҳои ба корҳои илмӣ-татбиқотии анҷомдодашуда, навовариҳои тарҳи сару либоси милӣ, лаълӣ ва косаю табақҳои нақшу нигори миллидоштаро, ки дар доираи Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба намоиш гузошташуда, таваҷҷуҳи бинандаро ба худ ҷалб менамуданд, дидан карданд.

Меҳмонони олиқадр, инчунин бо шароити таълим ва заминаи моддӣ-техникии донишгоҳ шинос гардида, аз сатҳу сифати таълим дар донишгоҳ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

***Р. Шариф***



# ТАНТАНАҲОИ ҶАШНИ НАВРӮЗӢ ДАР ДОНИШГОҲ





**Наврӯз таҷассуми меҳнати озод ва бунёдкорона, талоши созандагӣ, некхоҳиву бахшояндагӣ, ватанпарварӣ ва дӯстии халқҳо мебошад.**

***Эмомалӣ Раҳмон***

Бале, Наврӯз ҷашнест, ки таърихи чандинҳазорсола дошта, бо вуҷуди монеаҳои зиёди сунъӣ то замони мо омада расидааст. Боиси ифтихор аст, ки маҳз бо ҷаҳду талош ва заҳматҳои бесобиқаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин ҷашни аҷдодӣ дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат аз нав эҳё гашта, шукуҳу шаҳомати хосса касб намуд ва мақоми ҷаҳонӣ гирифт.

Тавре шоир фармудааст:

Наврӯз муборак бувад у ҷашни ҷаҳонӣ,
Имрӯз ҷаҳон ёфт дигарбора ҷавонӣ.

Ҷашни Наврӯзи хуҷастапай рӯзи 16-уми марти соли равон дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ бо омодагии ҳамаҷониба ва шукуҳу шаҳомати хосса таҷлил гардид. Садои сурнайу карнай, савту суруд ва қироати шеъру таронаҳои наврӯзӣ ба дилҳо шодию фараҳ бахшида, хурсандии иштирокичиёни чорабиниро бештар мегардониданд.



Дастовардҳои ба маърази тамошо гузоштаи ҳамаи 8 факултети донишгоҳ, дастархони наврӯзии дар асоси тамоми расму оин ва анъанаҳои миллии ниёгонамон ороста, аз ҷумла ҳафтсину ҳафтшин ва ҳунарҳои мардумӣ, ки бешубҳа, эълон гардидани соли 2018 ҳамчун Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ба рушди бемайлони он такони ҷиддӣ мебахшад, бевосита диққати меҳмонону иштирокчиёни ҷашнро ҷалб менамуданд.

Бахусус, озмуни фарҳангӣ-маърифатии "Наврӯзи байналмилалӣ", ки бо мақсади эҳё гардонидани анъанаҳои неки ниёгон, ҳунарҳои мардумӣ, тақвият бахшидан ба рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, ғанӣ гардонидани сатҳи маърифатнокӣ ва ифтихори миллӣ, инчунин дарёфти истеъдодҳои нав, ҷалби онҳо ба эҷодкорӣ ва навоварӣ, баланд бардоштани дастовардҳои нав ба нав дар байни донишҷӯён ва устодону кормандони донишгоҳ гузаронида шуда буд, аз рӯи шартҳои зерин: маликаи Наврӯз, қироати шеър, дастархони наврӯзӣ, рӯзномаи деворӣ, мусобиқаҳои варзишӣ а) бандкашӣ (ҳар даста иборат аз 5 нафар иштирокчӣ), б) гурзбардорӣ (якнафарӣ аз ҳар як факултет), в) ланкабозӣ (якнафарӣ аз ҳар як факултет ) доир гардид, ба ҷашн ҳусну ҷилои тоза бахшида, шодию хурсандии иштирокчиёнро дучанд мегардониданд.

Аз рӯи баҳои ҳаққонии ҳакамон ғолибон аз рӯи шартҳои зерини озмун ба таври зайл муайян карда шуданд:

**- маликаи Наврӯз** - ҷойи 1-ум факултети муҳандисӣ-технологӣ;

**- қироати шеър** - ҷойи 1-ум факултети технологияҳои иттилоотии соҳавӣ;

**- дастархони наврӯзӣ** - ҷойи 1-ум факултети технология ва дизайн;

**- мусобиқаи варзишии бандкашӣ** - ҷойи 1-ум факултети муҳандисӣ-технологӣ;

**- гурзбардорӣ** - ҷойи 1-ум факултети муштараки тоҷикӣ-украинӣ;

**- ланкабозӣ** - ҷойи 1-ум факултети муштаркаи тоҷикӣ-украинӣ.

Дар ҳисоби даставӣ факултети технология ва дизайн ҷойи 1-ум, факултети иқтисоди ҷаҳон ва маркетинг ҷойи 2-юм, факултети муҳандисӣ-технологӣ ҷойи3-юмро ишғол намуда, бо диплом ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки хонандагони литсейи инноватсионии "Душанбе" дар қироати шеър ва дастархони наврӯзӣ сазовори ҷойи ифтихорӣ гардиданд.

Ғолибони озмун бо туҳфаҳои хотиравии раёсат ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони донишгоҳ қадрдонӣ карда шуданд.

**Дар суратҳо:** лаҳзаҳо аз тантанаи ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ дар донишгоҳ.

***Ш. Раҷабалӣ***






# НАВБАҲОР АСТ БАР ОН КӮШ, КИ ХУШДИЛ БОШӢ...

Инак, боз аз дуриҳои дур пайки сururу шодмонӣ, пайки орзуҳои ширин, пайки рӯҳбахшу дилнавозе мерасад. Ин пайк пайки ҷашни қудсиён, иди миллии тоҷикон, пайки Наврӯзи хуҷаставу фархундапай аст.

Наврӯзи навбаҳорон диёри моро боз бо ҳазор рангу ороиш ҳусну таровати тоза мебахшад. Замин, ин модари муқаддас пироҳани идона ба бар кардаву интизори корнамоиҳои наву пурэъҷози фарзандони хеш аст.

Ва инак, боз насими мушкбези Наврӯз нарм-нармак вазида, димоғро муаттар мекунад бо рӯҳу равон қуввату қудрат мебахшад. Дар ҳар кӯчаву хиёбон, дар ҳар манзилу хонадон аз қадами баҳори дилфиреб майсаву гул мерезад, сururу шодмонӣ мехезад, суруду тарона баланд танинандоз мегардад.

Ва инак, боз бӯи гарми суманак аз ҳар хонадон ба машом мерасад, дар ҳар хонадон хони Наврӯзӣ ороста мешавад.

Марҳабо, эй баҳори гулбасар, эй баҳори гулфишон, эй баҳори гулбезу гулрез, эй паёмовари рӯзҳои нек.

Мардум имсол иди баҳори нозанин - Наврӯзи дилафрӯзро аз ҳарсола бештар интизорӣ кашиданд. Ва сад шукр, ки насими форам аз дашту даман, аз кӯҳҳои сарбаланд бӯи хуши нахустин гулҳои наврӯзӣ - бойчечаку сияҳгӯшро ба машом мерасонанд. Паррандаҳои хушхон аз шоха ба шохае нишаста ба лафзи худ гӯё якзайл месароянд "Наврӯз шуд, Наврӯз шуд."

Наврӯз аз қадим бо шукуҳу шаҳомати худ фарқ мекард зеро ки он аз омад омади соли наву баҳори нав, рӯзгори нав мужда меовард. Мардум ин идро чун рӯзи хилқати одам, чун рузи пирӯзӣ бар торикӣ, рӯзи поёни сармову оғози гармо, чун рӯзи наву оҳанги нав истиқбол мегирифтанд.

Имрӯз дили кас аз дидани муғчаҳои дарахтони қад қади роҳ, ки майли шукуфтан доранд, сабзаҳои махмалини лаби ҳавзу ҷуйбор ва боғу гулгаштҳо ки аз шодию тараб ба рақс меоянд, лабрези фараҳ мегардад ва дил беихтиёр сайри дашту кӯҳсор мекунад.

Бале, ҳарчанд аз умри худ боз як соле бой додем, инро ба хаёл намеорем, балки ҳама ба баҳори нав, ба соли нав менигарем. Орзуҳо мекунему ниятҳои нек дар дил мепарварем. Худо кунад, ки соли навро баҳораш нек бошад. Зеро ки гуфтаанд: "Соле ки накӯст, аз баҳораш пайдост".

Худованд табиатро зебо гардондааст ва он чун муъҷизакори беҳамто дилҳоро тасхир месозад. Вале деҳқони пухтакор ба замин ҳусни дигар зам мекунад.

Ҳастӣ ва вуҷуди деҳқон замин, ин модархудои мост. Ӯ заминро сарвати гаронбаҳо ва мояи рӯзгори пурнуру сафо мешуморад. Инро ҳама медонад, ки агар ба замин муомилаи оқилона, навозиш ва меҳрубониҳо кунад, он файзу таровати тоза пайдо мекунад ва аз саховаташ хони мо пур мешавад.

Имрӯз деҳқон камари ҳиммат баста бо умеди рӯёнидани хирмани бобаракат ба замин донаи умед мепошад. Чӯпон рама ба пуштаҳо меронад, ки ранҷи дар зимистон кашидааш самар бахшад, боғбон ниҳол мешинонад, ки боғи ояндааш сероб гардаду ҳосили дихоҳ ба даст орад.

Бошад, ки ҳар нияти нек ҷомаи амал пушад, бошад ки ин баҳор бо ҳусни беназиру нуру саховати оламгираш ҷаҳонро биафрӯзад, ба дилҳои сардгашта ҳарорати худро бедареғ нисор созад.

Хуш омадӣ, эй баҳори тозаву тар,
Хуш омадӣ, эй баҳори фархундапай
Қадамҳоят неку хуҷаста бод!

***С. Раҳимов,***
***мудири сектори барномаҳои таълимии телевизиони "Маърифат"***

## НАВРӮЗ - ҶАШНИ ФАРХУНДАПАЙ

*Бар диёрам ин замон, фасли баҳор ояд ҳаме,*
*Ҳам газал шеъру тарона, сад ҳазор ояд ҳаме.*
*Нагмаи кабки дарӣ, ҳам булбулони хушсадо,*
*Бо навои дилнавози чангу тор ояд ҳаме.*




Наврӯзе, ки ободӣ мехоҳад, наврӯзе, ки дӯстӣ мехоҳад, наврӯзе, ки сарсабзӣ меорад, ҷашне, ки сарҷамъӣ мехоҳад, тавонист мақоми ҷаҳониро соҳиб гардад. Ин иди бузург аз давраи Ҷамшеду Каюмарс то замони мо чандин марҳилаҳои вазнини таърихиро тай намуда, аз чанги душманону бадхоҳон раҳо ёфта то ба замони имрӯз расидааст.

Имсол Наврӯзи оламафрӯз бо нафаси тоза, бо тамоми файзу баракаташ, бо нармиву нозукии зиёд дилҳои моро гарм, хотирҳои моро ҷамъ, ҳастии моро саршори орзуҳои неку фардои моро дурахшон сохта боварии комил дорем, ки дар ин соли нав кушоиши кор, файзу баракат, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ насиби ҳамагон мегардад.

Баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон ҳамасола дар саросари кишвар ин ҷашни бошукӯҳ бо тамоми расму оинҳояш таҷлил карда мешавад. Мо бояд, ки бо ин мероси аҷдодони худ ифтихор кунем, чунки дар тӯли қарнҳо ин миллати ватандӯст новобаста аз ҳама гуна офатҳою газандҳои душманони аҷнабӣ, ки пай дар пай ба хоку марзи ин ватан ҳуҷум мекарданд, боқӣ мондааст. Бо ин душвориҳо нигоҳ накарда ин миллат тавонист дубора Наврӯзро зинда кунонад ва ҳатто ба ҷаҳониён муаррифӣ созад.

Бояд гуфт, Наврӯз дар Бадахшон низ бо шукуҳу шаҳомати беандоза ва бо тамоми расму русумҳои қадимаи аҷдодӣ ҷашн гирифта мешавад. Мардум ба ин ҷашни хуҷастапай як моҳ пеш омодагӣ мебинанд. Масалан, занҳои хона гандумро барои суманак месабзонанд, хонаю дарро озода пок карда, либосҳои хонаро шуста барои ҳамагон либоси наве омода сохта дар рӯзи Наврӯз туҳфа менамоянд. Хурду бузург кӯчаҳову боғҳо, роҳҳову ҷӯйборҳоро ба тариқи ҳашар тоза ва обод месозанд, ки ин аз омад-омади баҳор ва саршавии кишту кор дарак медиҳад. Субҳи Наврӯз зану марди хона либосҳои хонаро ба берун бароварда хонаро тозаю озода мекунанд, то даме ки хонаро тоза накунанд, касе ба хона даромада наметавонад. Баъд аз оне, ки хона тоза ва тамиз гашт, фарзандон аз шохчаҳои дарахт бурида онро гулкорӣ намуда барои ба хона даромадан омода месозанд. Чӯбҳои омодагардидаро гирифта, ба хона бо овози баланд "Шогун баҳор муборак" гуфта, ба хона медароянд. Дар ин вақт модар ё зани он хона бо чеҳраи кушод ва хандон ба шахси ба хона даромада орд пошида ӯро аз самими дил модарона дуо дода,таманниёти нек орзу менамоянд. Бонуи хона бо ниятҳои нек, ҳар як сутуни хонаро орд мепошад. Яке аз фарзандон саҳарии барвақт аз саргаҳи чашма бо сатиле об гирифта ба равзанаи хона мепошад. Ин маънои онро дорад, ки об рамзи ободӣ ва покист. Бонуи хона ҳар гуна хӯрокҳои наврӯзӣ ва хӯришҳо омода месозад, ки ин аз серию пурии он хонадон дарак медиҳад. Дар ин рӯз тамоми мардум ҷое ҷамъ шуда, аз ҳар гуна хӯрокҳо чашида, бо дили пур аз умеду орзуҳо интизори қадами мубораки Наврӯзи дилафрӯз мегарданд, зеро бо шарофати ин ид тамоми мардум хонаю дар ва қалбҳои хешро аз камбудиҳо ва кина пок месозанд.

*Ш . Хоникова, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ,*
*У. Мавлоназарова, донишҷӯи соли аввали*
*ихтисоси 1-1901010504т.*

## НАВРУЗ - ПРАЗДНИК ВЕСНЫ



Навруз - одна из древних и одна из национальных ценностей таджикского народа. Навруз отмечается каждый год, когда солнце входит в знак Овна в астрологический календарь. В северном полушарии эта дата часто совпадает с весенним равноденствием, днем, когда количество дневных часов равно числу ночных часов. Он широко и красочно отмечается в Иране, Афганистане, Кыргызстане, Туркменистане, Узбекистане и Казахстане.

Люди посещают друзей и родственников, покупают и сажают посевы фруктовых деревьев и веселятся в свежем весеннем воздухе. Есть много легенд и изречений и много песен о Наврузе, о его важной роли в жизни людей. Каждый раз, когда мы осознаем, что нет слов, чтобы выразить реальный смысл этого праздника и хвалить его неизмеримую красоту. Вместе с дыханием весны, нежным ветром ветра, появлением первых почек на деревьях, новая сила, кажется, вливается во все человеческие существа, рождается новая энергия, а радость жизни и обновления охватывает нашу сущность, в том числе сердца к доброте и творчеству.

В это удивительное время, когда молодые проростки ломают почву и спешат к солнцу, бесконечные поля и сады покрыты зеленым, люди чувствуют необходимость жить в гармонии с природой. Традиционно, это также время, чтобы очистить свою жизнь. Люди убирают свои дома, стирают ковры и драпировки, украшают цветами и покупают новую одежду, которую они будут использовать для посещения. В день Навруза все домашние хозяйства, включая приготовление еды, тщательную очистку дома и расположение цветущих ветвей из абрикосовых, персиковых, миндальных или гранатовых деревьев, должны быть завершены до восхода утренней звезды. Дети наслаждаются праздником, потому что они часто получают подарки как денег, а также благословения от своих старших. В последние годы центральноазиатские республики признали Навруз официальным праздником. Его празднование отмечается концертом в парках и площадях, торговых ярмарках и национальных соревнованиях по конному спорту. Люди относятся к своим близким и друзьям с такими могучими весенними яствами, как сумалак и другие национальные блюда, празднующие праздник с большой радостью.

## NAVRUZ

Navruz is one of the ancient and one of the national values of Tajik people. Navruz is celebrated each year, when the sun enters the sign of Aries on the astrological calendar. In the northern hemisphere, this date frequently coincides with the spring equinox, the day on which the number of daylight hours equals the number of nighttime hours. It is celebrated widely and colorfully in Iran, Afghanistan, Kyrgyzstan, Turkmenistan, Uzbekistan and Kazakhstan.

People visit friends and relatives, buy and plant seeding of fruit trees and have cheerful gatherings in the fresh spring air. There are many legends and sayings and many songs about Navruz, about its important role in the life of the people. Each time we realize that there are no words to express the real meaning of this holiday and to praise its immeasurable beauty. Together with the breath of spring, tender blow of wind, appearance of the first buds on the trees, anew strength seems to flow into all human beings, a new energy is born, and the joy of life and renewal embraces our essence, including out heart to kindness and creativity.

At this amazing time, when the young sprouts break the soil and rush to the sun, endless fields and gardens are coated in green, people feel the need to live in harmony with nature. Traditionally, it is also a time to clean up one's life. People tidy up their homes, wash rugs and draperies, decorate with flowers, and buy new clothes that they will use for visiting. On the day of Navruz all houskeeping-including the preparation of the meal, careful cleaning of the home and the arrangement of blossoming branches from apricot, peach, almond or pomegranate trees-must be completed before the rising of the morning star. People treat their close ones and friends with such strength-giving spring viands as sumalak and other national meals celebrating the holiday with great joy.

Children enjoy the holiday because they often get presents of money, as well as blessings, from their elders. In the last years. Central Asian republics have recognized Navruz as an official holiday. Its celebration is marked by concert in parks and squares, trade fairs and national horseracing competition.

***The assistant of the department***
***of the foreign languages Rahimova Q.D.***

# ТУ БУЗУРГӢ, МОДАР!

*Гармии огӯши гармат дар*
*вуҷудам боқӣ монд,*
*Лаззати шири сафедат*
*дар даҳонам боқӣ монд.*
*Он суруди аввалинат дар*
*само поянда бод,*
*Аллаҳои дилнишинат дар*
*садоям боқӣ монд.*

Модар! Ту аз ҳама қимматтарӣ! Меҳри ту хуршедро мемонад, ки ба тамоми олам нур мепошад. Ишқи ту чашмаҳои пурҷӯшро мемонад, ки дашту биёбон, саҳрову марғзоронро гулистон мекунад. Бузургтарин шахсе ҳастӣ, ки дар домони поки ту хаёлан сар ниҳода, дар шуълаи меҳру муҳаббати ту ба воя расидам. Дили ту чашмаи муҳаббатест, ки дар он меҳри фарзандон ҳамеша ҷӯш мезанад. Оташи меҳру муҳаббати ту хомӯшнашаванда, бе нафаси гарми ту кошонаи умрамон сард, бешарори чашми нурборат хонаи диламон торик аст. Аллаи дилнишини ту сароғози зиндагист, Модар.

Модар! Ту он қадар бузургӣ, ки дар тасвират бузургони ҷаҳон оҷизӣ мекашанд. Он ҳама осоре, ки дар васфат суруда шудаанд, тасвири якшаба бедорхобии туро дар сари гаҳвораи тифлат фаро гирифта наметавонад. Он ҳама қасидаву достонҳое, ки дар васфи мӯйи мушкину лабони чун ангубинат суруда шудаанд, ба шаҳди як сухани ширинат баробар намешаванд. Наққошони чирадасти дунё тавони инъикоси ҳусну малоҳати туро надоранд, Модар.

Ту бузургӣ-Модар ва бузургони ҷаҳон наздат сари таъзим фуруд меоранд, зеро ту ягона муттакои бовафоӣ. Бузургтарин офаридаи рӯйи олам барои инсон кист? Он кист, ки ба мо қиматтарин ганҷ, ҳаётро эҳдо намудааст? Ягона ғамхору меҳрубонамон дар ин дунёи пуршӯру шар кист? Модар!

Оре, мӯнису аниси ҳамешагии мо Модар аст. Ӯ ягона шахсест, ки моро бо ҳама гуноҳу хатогиҳоямон дӯст медораду мебахшад. Маҳз Модар буд, ки ростқавливу ростгӯйиро омӯзонд, то ба ҳамдигар дӯстию рафоқат ва меҳру муҳаббат пайдо кунем. Моро Модар бо нақлу афсонаҳояш дар рӯҳияи ҷавонмардиву худшиносӣ тарбия карда, барои ободу зебо гардониданӣ Ватани азизамон талош намудану заҳмат кашиданро омӯзонд. Инсон будану инсонвор зистанро, ҳар кадоми мо аз баракати панду насиҳат ва роҳнамоиҳои Модар омӯхтем. Агар панду дуои Модар намебуд, дар ин роҳи пурпечутоби зиндагӣ яқинан роҳгум мезадем.

**Фатҳу кушоиш орад, дасти дуои модар**,- гуфтани шодравон Лоиқ Шералӣ тасдиққунанда ва тақвиятбахшандаи ин гуфтаҳоанд.

Зан-Модар ин сарчашмаи зиндагии мост ва нури офтобест, ки ҷаҳонро файзу хуррамӣ мебахшад. Бузургии ӯ пеш аз ҳама дар он таҷассум меёбад, ки ӯ чароғи хонадон аст. Ҳар як шахс бояд, модари худро дӯст дорад, эҳтиром кунад, ба қадри ранҷу заҳмат ва меҳру муҳаббати ӯ бирасад.

Набояд фаромӯш кард, ки муқаддастарин ва воҷибтарин дуо барои инсон дуои модар аст.

Бо омад-омади фасли баҳори нозанин рост омадани Рӯзи Модар рамзи шукуфоӣ буда, таровати онро дучанд мегардонад. Дар симои модари хеш мехоҳам ба ҳамаи модарон сӯзи дилро роз дода, бо як шеъру таронаи тозаэҷод изҳор намоям.

### Тарона

### НОМИ ТУ ҲАМЕША ДАР ЗАБОНҲО БОШАД

Модар! Чӣ хел ширину гуворост. Чӣ хел фараҳбахш аст ба забон овардан, ба васфаш сухан гуфтан ё оиди он андеша кардан.

Оҳ, дӯсти азиз! Аё мунису ғамхори ман! Имшаб туро хоб дидам, миёни ангораҳои хаёл, даме, ки ҷаҳон орому ҳама хуфта ба хоби ноз, даме, ки нолаи мурғи шаб ба дилҳо ваҳм меандохт, хоб дидам, ки савори сафинаи умед рӯйи мавҷҳои пурғиреби баҳри пурталотум, ки чун мусофири танҳо аз тарси туфон дуо дорад, роҳ мепаймудам. Ба доди он, ки он гавҳари ноёбро дарёб кунам, зери лаб пичиррос зада мегуфтам:

*Дарё-дарё маро ба соҳил*
*бирасон,*
*Дунё-дунё маро ба он меҳр*
*бирасон.*

Сафина бо оҳистагӣ, бо як маром роҳ мепаймуд, чу аллаҳои Ту! Ва ботааҷҷуб ба осмони пур аз ситора ва моҳи дурахшон дида медӯхтам. Аз фикрҳои печ дар печ худро раҳо карда наметавонистам, зеро ман тамоми ҳастиям ва буду набудамро ба ту бахшида будам, "Эй олиҳаи ҳусн"!

Лаҳзае худро бе ёди Ту тасаввур карда наметавонам. Магар ин меҳр аст, ё тасаввуроти лаҳзаина…. Ё оташест бедуд…. Ё ин ки хандаест ғамолуд…. Дардест бедармон …? -На! Ин ҳама меҳру муҳаббати Туст!

Субҳидам аз хоби ноз бедор гаштам бо як ҷаҳон орзу. Боз мехоҳам ва мехоҳаму мехоҳам, ки дар оғӯшат бошам. Дареғо, ки даврони беғамонаи кӯдакӣ бебозгашт рафт. Кунун, ки бузург гаштаву аз Ту дур хоҳам гашт, ҳамеша ёдат мекунам, ғоибона маъзарат мехоҳам, агар гуноҳе содир кардаам.



Дар ин лаҳзаҳо ҳамрози мани танҳо фақат осмони бекарону ситорагони дурахшон буданду халос…

Ту хушбахтӣ, эй тоҷи офариниш, тоҷи ҷаҳон, дунёи рангини андешаву хаёл ва умеду орзу! Номи Ту ҳамеша вирди забонҳо бошад, модари азизу меҳрубон!

# МОДАРАМ

**Бо ту имрӯз сарфарозам модарам,**
**То дар оғӯшат бинозам модарам.**
**Фарқи одам, фарқи олам ту нишон додӣ ба ман,**
**Дар ҳаётам мунису ҳам ифтихорам модарам.**
**Модарам ту раҳнамоӣ баҳри мо фарзандон,**
**Ин ҷаҳон бо номи ту арзанда монад ҷовидон.**
**Бо ту гаштам мунису аз ту намегардам ҷудо,**
**Номи волоҳимматат дар қалби ман ҷо шуда ҷо,**
**Ман ба васфат шеърҳо ифшо намоям ҳар даме,**
**Меҳрубонӣ баҳри мо, ман дӯст медорам туро.**

*М. Эшонова, муаллими калони*
*кафедраи забони тоҷикии ДТТ*

# ҶАЛАСАИ НАХУСТИНИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

Дар толори Шӯрои олимони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷаласаи аввалини Шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), 6D.КОА - 039 баргузор гардид.

Ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур ба кори ҷаласа ҳусни оғоз бахшида, иштироки меҳмонони олиқадр, аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ ва ҳозиринро хайрамақдам гуфтанд.

Ҳамзамон, қайд намуданд, ки Раёсати ДТТ бо мақсади амалигардонии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба омода кардани мутахассисони дараҷаи олӣ, шароити мусоид фароҳам овардааст.

Таъсиси Шӯрои диссертатсионии соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D072400 - мошинҳо ва таҷҳизоти технологӣ (тибқи соҳаҳо), 6D072700 - технологияи маҳсулоти хӯрокворӣ (аз рӯйи соҳаҳои корбурд) ва 6D073300 - технология ва тарроҳии маводи нассоҷӣ Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 039 дар таърихи 28 солаи донишгоҳ нахустин буда, ҳамчун падидаи нек арзёбӣ мегардад.

Қаблан дар ҷумҳурӣ, умуман аз рӯи чунин ихтисосҳо Шӯрои диссертатсионӣ вуҷуд надошт ва танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбию, марказҳои илмии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил омода карда мешуданд, ки ба унвонҷӯён ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ ниҳоят гарон буд.

Инчунин, зикр шуд, ки Шӯрои диссертатсионӣ бо дастгирию маслиҳатҳои муфиди Раёсати КОА ҶТ таъсис дода шудааст.

Баъдан муовини Раиси КОА ҶТ, д.и.ф.-м., проф. Комилиён Ф.С. ҳозиринро бо талаботи заминавии КОА ҶТ вобаста ба фаъолияти Шӯрои диссертатсионӣ, механизмҳои омода кардани ҳуҷҷатҳо аз рӯи феҳристи муайянкардаи КОА ҶТ ва доираи фаъолияти муассисаи таҳсилоти олӣ, сатҳу сифати рисолаҳои илмӣ ва қоидаҳои пешниҳод ва ҳимояи диссертатсияҳо шинос карданд.

Масъулияти Шӯро барои мувофиқати диссертатсияҳо ба ихтисосҳо ва самтҳои пешниҳодшуда, воқеӣ будани сифати ташхиси онҳо, асоснок будани қарорҳои дахлдори нисбати онҳо қабулшуда, мувофиқати онҳо ба муқаррароти санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низомномаи мазкур қайд карда шуд. Ҳамзамон, ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳро бо таъсисёбии Шӯрои диссертатсионӣ, ки барои омода кардани олимони соҳаҳои саноат равона карда мешавад, табрику таҳният гуфта, таъкид намуд, ки барои таъмини кадрҳои илмии рақобатпазир таваҷҷуҳ кардан, неруи зеҳниро равона намоянд.

Директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.т., проф. З.В. Кобулиев қайд карданд, ки самтҳою ихтисосҳои Шӯрои диссертатсионӣ ба сектори реалии иқтисодиёт ҳамоҳанг мебошад ва барои ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос КОА як ё якчанд ихтисосҳои ба ҳам наздик (на зиёдтар аз панҷ ихтисос) аз рӯйи як ё ду соҳаҳои наздики илмро муайян мекунад, ки аз рӯйи онҳо Шӯро ҳуқуқи гузаронидани ҳимояи диссертатсияҳоро дорад.

Дар мавридҳои талаботи пешбинишуда КОА ҶТ метавонад ба Шӯро барои гузаронидани ҳимояи якдафъаинаи диссертатсия аз рӯйи ихтисосҳо ва соҳаҳои илми ба тахассуси Шӯро наздикбуда, яъне номзади илм ва доктори илми анъанавӣ иҷозат диҳад.

Намояндаи раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.ф. О. Маҳмудзода табрикоту дархости вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саид Нуриддин Саидро ба ҳозирин ироа карданд. Зикр шуд, ки вазорат барои ҳалли масъалаҳои нисбати фаъолияти Шӯрои диссертатсионӣ бамиёномада, дар доираи ваколаташ дастгирии худро дареғ намедорад.

Инчунин, Дилрабо Мансурӣ - узви вобастаи АИ ҶТ, д.и.т, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳро бо таъсисёбии Шӯрои диссертатсионӣ табрик карданд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ д.и.т., проф. А.А. Ғаффоров қайд карданд, ки Шӯрои диссертатсионӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника", Низомномаи Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D072400 - мошинҳо ва таҷҳизоти технологӣ (тибқи соҳаҳо), 6D072700 - технологияи маҳсулоти хӯрокворӣ (аз рӯйи соҳаҳои корбурд) ва 6D073300 - технология ва тарроҳии маводи нассоҷӣ Шӯрои диссертатсионӣ таҳти 6D.КОА - 039 бо фамоиши КОА ҶТ таҳти №6 аз 29 январи соли 2018 таъсис дода шуд.

Инчунин, зикр карданд, ки мутобиқи банди 163, боби 10-и Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, диссертатсияҳо барои ҳимоя оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисосҳои 05.18.12 - равандҳо ва дастгоҳҳои истеҳсоли хӯрокворӣ, 05.18.01 - технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ, 05.18.06 - технологияи чарбҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётӣ ороишӣ, 05.19.01 - маводшиносии истеҳсолоти саноати нассоҷӣ ва сабук ва 05.19.02 - технология ва коркарди аввалияи мавод ва ашёи хоми нассоҷӣ иҷозат дода шудааст.

Дар фарҷоми ҷаласа ректори донишгоҳ ба меҳмонон, ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳ ва аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ барои иштирокашон дар ҷаласаи таъсиси Шӯрои диссертатсионӣ арзи сипос намуда, таъкид карданд, ки таъмини босифати рисолаҳои илмӣ ҳадафи асосии Шӯро бояд бошад.

***З. Яминова, котиби илмии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 039, н.и.т.***

# ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ EXTEND

**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки яке аз мактабҳои олии пешрафтаи кишвар маҳсуб меёбад, дар татбиқи лоиҳаҳои байналмилалӣ саҳми назаррас дорад. Бояд гуфт, ки ҳамкориҳои донишгоҳ, бахусус, дар амалӣ гардонидани барномаи "ERASMUS+"-Иттиҳоди Аврупо дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст. Татбиқи лоиҳаи EXTEND далели равшани ин гуфтаҳост.**

Мақсади асосии лоиҳаи EXTEND, ки аз ҷониби барномаи "ERASMUS+"-и Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мегардад, интиқоли донишу малака ва технологияҳо оид ба баланд бардоштани маҳорати педагогии омӯзгорон дар самти тадриси фанҳои муҳандисӣ дар аъзо донишгоҳҳои узви консорсиюм ба шумор меравад.

***Шарикони асосии лоиҳа***

**Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров,
Донигоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Аз Федератсияи Россия:**

Донишгоҳи давлатии сохтмонии шаҳри Москва,
Донишгоҳи давлатии техникии ба номи М.Э. Баумани шаҳри Москва,
Донишгоҳи давлатии Мардовия,
Донигоҳи давлатии техникии Магнитогорск ба номи Г. И. Носов.

**Аз Иттиҳоди Аврупо:**

Донишгоҳ политехникии шаҳри Бухарест (Руминия),
Донишгоҳи Minho (Португалия),
Донишгоҳи техникии шаҳри Рига (Латвия),
Донишгоҳи Астон (Англия) мебошанд.

Бояд ёдрас шуд, ки вохӯрии аввали лоиҳа дар Донишгоҳи давлатии сохтмонии шаҳри




Москва тайи рӯзҳои 20-22 декабри соли 2017 баргузор гардида буд.

Ректори Донишгоҳи давлатии сохтмонии шаҳри Москва д.и.т., профессор Андрей Волков зимни сухани ифтитоҳӣ, аз ҷумла иброз намуд, ки дар баробари тағйироту табаддулоти иҷтимоию иқтисодие, ки имрӯзҳо дар ҷаҳони муосир бо суръати баланд ба миён меоянд, методикаи таълим низ тағйирот ва муносибати навро талаб менамояд. Махсусан рушди босуръати техникаю технология, меҳнатталабӣ ва вақттталабии тадриси фанҳои муҳандисиро зиёд гардонидааст, аммо методика ва технологияи таълим на он қадар тағйир кардааст. Зарурияти офаридани муносибати наве дар ин самт ба амал омадааст ва ин яке аз вазифаҳои лоиҳаи мазкур ба шумор рафта, ба омӯзгорон омӯзонидани усулҳои муосир ва самараноки тадриси фанҳои муҳандисиро тақозо мекунад.

Аз ҷониби Анна Муравева, ҳамоҳангсози дафтари миллии Ерасмус+ дар Федератсияи Россия низ зарурият ва аҳамияти лоиҳаи мазкур арзёбӣ гардид.

Элизабетта Лазарева, ҳамоҳангсози кулли лоиҳа аз Донишгоҳи техникии Бухарести Руминия мақсад ва вазифаҳои лоиҳаро барои ҳозирин муфассал шарҳ дода, қайд намуд, ки мақсади асосии лоиҳа баланд бардоштани сифати тадриси фанҳои муҳандисӣ тавассути тақвият бахшидани тавонмандӣ (потенсиал) ва маҳорати педагогии омӯзгорон ва мукаммалгардонии барномаҳои таълимӣ ба шумор меравад. Ҳамчунин, ӯ нақшаи амалигардонии лоиҳаро барои соли аввал, ки 5 бастаи кориро дар бар мегирад, барои иштирокчиён тафсир дод. Ӯ иброз дошт, ки дар маҷмӯъ шарикони лоиҳа аз Аврупо 4 донишгоҳ, аз Россия 4 донишгоҳ ва аз Тоҷикистон 4 донишгоҳ дар амалигардонии лоиҳа саҳм мегузоранд ва дар баробари ба итмом расидани лоиҳа бояд ҳамаи мақсад ва вазифаҳои лоиҳа пурра амалӣ гардонда, дар 8 донишгоҳҳои Россияву Тоҷикистон бо 8 "EXTEND-марказ"-ҳо бояд таъсис дода шаванд.



"EXTEND-марказ"-ҳо ҳамчун марказҳои умумидонишгоҳӣ ба шумор рафта, бо ҷалб ва мубодилаи таҷрибаи шахсони дар доираи лоиҳа дар тренинг ва семинарҳо ширкатварзида ба ҳайати омӯзгорону профессорони дар самти фанҳои муҳандисӣ дарсдиҳанда интиқол додани малака, маҳорат, омӯзонидани усулҳои самарабахши таълим бо истифода аз технологияҳои муосир, тархрезии амсилаҳои айёнии аниматсионии мултимедиявӣ ва технологияи креативии таълим дар ин самт, фаъолияташро ба роҳ хоҳад монд. Дар баробари ин, марказҳои номбурда бо таҷҳизоти лозимӣ ҷиҳозонида мешаванд ва бо маҷмӯи дастурҳои методӣ ва маълумоти зарурии корӣ аз ҷониби лоиҳа барои пешбурди фаъолияти марказ таъмин карда мешаванд. Дар ҳамин маврид, шарикони аврупоӣ аз таҷрибаи хеш ҷиҳати самарабахш гардонидани фаъолияти марказ чунин пешниҳод намуданд:

- истифода намудани шабакаи хатмкардагони донишгоҳ "Ассотсиатсияи хатмкунандагон" барои мубодилаи таҷриба ва дастгирӣ;
- ҷалби донишҷӯёни соҳибистеъдод барои коркард ва таҳияи маводҳои аниматсионии таълимӣ;
- ҷалби мутахассисони соҳавӣ аз истеҳсолот ва истифодаи таҷрибаи онҳо;
- пешниҳод намудани хизматрасониҳо оид ба коркард ва таҳияи маводҳои аниматсионии таълимӣ ва намоишӣ;
- марказ бояд тадриҷан аз ҷиҳати илмӣ ва кадрию техникӣ ба маркази умумидонишгоҳии сайқали маҳорати педагогии муҳандисӣ мубаддал гардад ва фаъолияти худро қавитар гардонад;
- ҳамчун маркази умумидонишгоҳӣ бояд тамоми кадрҳои ҷавон ҳангоми ба фаъолияти педагогӣ ҷалб гардидан бояд ба маркази мазкур барои гузаштан аз курсҳои махсуси он сафарбар гарданд ва сертификати махсуси маҳорати тадриси фанҳои муҳандисиро соҳиб шаванд;
- дар назди департаменти таълим ҳамчун маркази доимоамалкунанда ва поягӣ ташкил намудани он.

Дар ин самт соли 1972 дар Иттиҳоди Аврупо Ҷамъияти байналмилалӣ оид ба педагогикаи муҳандисӣ (IGIP) таъсис дода шуда буд. Бо ташаббус ва фаъолияти бевоситаи ин ҷамъият принсипҳои умумии ташаккули педагогикаи муҳандисӣ ба миён оварда шуда, ҳуҷҷати махсус "INGPAED IGIP" (Омӯзгори аврупоии муассисаи таълимии олии муҳандисӣ), ки дар он талаботи квалификатсионии дар айни замон амалкунанда ба омӯзгорони мактаби олии техникӣ муайян гардидааст, таҳия ва қабул шудааст.

Дар ҳамин маврид, аз ҷониби ҳамоҳангсози минтақавӣ - Донишгоҳи давлатии техникии шаҳри Москва ба номи Н.Э. Бауман, муовини ректори ҳамин донишгоҳ оид ба таълим Юрий Тсветков оид ба тақсимоти бастаҳои корӣ, индикаторҳои назоратии фаъолнокӣ ва таъмини сифату босуботии лоиҳа инчунин методикаи худбаҳогузорӣ дар се зина:

- Истифодабарии технологияҳои таълимӣ дар самти омодасозии муҳандисон;
- Мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимӣ;
- Арзёбии таваҷҷуҳи тарафҳои манфиатдор ба ҳозирин гузориш дода шуд ва мавсуф инчунин дар презентатсияи худ доир ба усулҳои баланд бардоштани фаъолияти касбии омӯзгорони фанҳои муҳандисӣ ва арзёбии самаранокии татбиқи технологияҳои навини таълимӣ дар тадриси фанҳои муҳандисӣ маърӯза намуд.

**Идоракунии лоиҳа**

Маъмулан, сохтори идоравии лоиҳа аз 4 категория иборат мебошад ва вобаста ба пешниҳоди шарикони лоиҳа таркиби миқдории кормандон аз рӯи категорияҳо дар сохтори идоравии тимҳои кории донишгоҳҳо дар ҳайати зерин тасдиқ карда шуданд:

1-нафар менеҷери лоиҳа;
2-нафар тадқиқотчӣ/тренер;




1-нафар корманди маъмурӣ (донандаи забони англисӣ) оид ба таъмини ҳуҷҷатгузорӣ ва гузаронидани мониторингҳои дохилӣ ва назорати сифат;
1-нафар корманди техникӣ.

Барои самаранок истифода намудани буҷаи лоиҳа аз ҷониби ҳамоҳангсози кулли он пешниҳод ба амал оварда шуд, ки дар давоми амалигардонии лоиҳа танҳо 1 вохӯрии расмӣ дар назар дошта мешавад ва дигар вохӯриҳо бо тариқи "Online meeting"-ҳо баргузор хоҳанд гашт, ки аз ин ҳисоб метавонем миқдори омӯзгорони дар тренингҳо ширкаткунандаро зиёд намоем.

Тамоми маълумот оид ба инъикоси фаъолияти лоиҳа ва чорабиниҳои дар доираи он амалишаванда бояд ба тариқи фаврӣ аз ҷониби корманди техникии лоиҳа дар сомонаи донишгоҳ ҷой дода шаванд.

Масъалаҳои марбут ба ташкили сафарҳои хизматӣ ва гирифтани раводидҳои сафарӣ барои шарикон баррасӣ гардид ва нуқтаҳои лозимӣ ба монанди мушкилоти гирифтани раводид ба давлатҳои Аврупо, махсусан давлатҳое, ки ба қаламрави созишномаи Шенген дохил намешаванд, муҳокима гардида, қайд карда шуд, ки бинобар сабаби мавҷуд набудани консулгарии ин давлатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон харочот барои гирифтани раводид ба меъёрҳои маблағгузории барномаи Ерасмус+ мутобиқат наменамоянд. Вобаста ба ин масъала ҷониби шарикони Аврупоӣ ва махсусан ҳамоҳангсози кулли лоиҳа - Донишгоҳи техникии Бухарест тасмим гирифтанд, ки дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин роҳи ҳалли онро пешниҳод хоҳанд кард.

Нақшаи корӣ барои соли якуми амалигардонии лоиҳа баррасӣ ва қабул гардид.

***А. Ҷаъфаров, сардори Маркази технологияҳои компютерӣ ва таълимӣ, ҳамоҳангсози лоиҳаи EXTEND***

= = = 2018- Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ = = =

# ТОҶИКИСТОН КИШВАРИ САЙЁҲӢ

Тоҷикистон кишварест, ки дар Осиёи Миёна ҷойгир буда, пойтахташ Душанбе мебошад. Марзу бумаш бо чор мамлакати ҳамсоя тӯл мекашад. Тоҷикистон дар шимолу ғарб бо Ӯзбекистон, дар шимолу шарқ бо Қирғизистон, дар шарқ бо Чин ва дар ҷануб бо Афғонистон марз дорад. Сарҳади тӯлонӣ бо Афғонистон аст, ки ба 1206 км дарозо мекашад. Ва ин сарҳадкашӣ соли 1895 анҷом шудааст.

Паҳноии Тоҷикистон ба 142 600 км кв мусовӣ буда, 93 дарсади он кӯҳистон ва боқӣ дашту даман будааст, ки дар раддабандии аз ҷиҳати масоҳат дар ҷаҳон мавқеи 93-юмро ишғол мекунад. Тибқи бақайдгирии аҳолӣ, ки соли 2016 анҷом дода шуд, аҳолии Тоҷикистон тайи 9 миллион мебошад. Ғолибан аҳолӣ деҳотнишинанд, ки тақрибан 6 миллиону 300 000-ро ташкил мекунанд ва боқӣ мардуми шаҳрнишинанд.

Агар бигӯем, ки Тоҷикистон сарзаминест, сарсабзу хуррам, афсонавӣ ва мулкест, ки чор фасли сол ба вижагии хеш дар вақти худ меоянд ва қариб, ки баробар давом мекунанд, муҳобот нахоҳад буд.

Зимистон қабои сапед ба бар мекунад ва агар сард аст, аммо рамзи бахти сафедро ихтисос карда.

Баҳор табиат кабуди кабуд мешавад ва маҳз аз баҳор маълум кардан мумкин аст, ки баракати давоми сол чӣ гуна хоҳад буд, ки мардумро ҳадисе роиҷ аст: "Соле, ки накӯст аз баҳораш пайдост".

Гармои гарони гуҳаровари тобистони тафсони Тоҷикистон айни расидани маҳсули дасти бобои деҳқон полезиву меваҷоту сабзавот будааст.

Агарчӣ фасли поиз (тирамоҳ) хазонрез унвон шуда, лек кас худро дар олами афсонаи дигар ҳис мекунад, ки табиат худро зарҳалӣ мегардонад ва чун нишеби сол аст натиҷаи сол ҳам ҳамин ҷост.

Кӯҳсори Тоҷикистон табиист бо барфу тарма ва пиряхҳо сарпӯш мебошанд. Ва маҳз ҳамин заминаест, ки онро махзани об медонанд ва дашту даман аз ҳисоби ҳамин обҳо, ки аз кӯҳистон сарчашма мегиранд, пуроб мешавад. Рӯдхонаву дарёҳои бузурги саршор аз оби Тоҷикистон дарёҳои дохилимарзии Вахшу Панҷ, ки дар якҷоягӣ дарёи Омӯро ташкил мекунанд ва ҳам Сирдарё, ки дарёҳои фаромарзиянд, заминҳои ташналаби ҳамсоякишварро сероб мегардонанд. Агарчӣ рисолати ин обанборҳо таъмини об бошад ба зебогии табиати кишвар ҳусни дигаре зам мекунад. Рӯдхонаҳои Қайроққум ва Фарҳод чун обанборҳои маснӯъ дониста мешаванд, вале обанборҳое, ки маҳсули эҷоди табиатанд хеле зиёданд, ки намунаи олии он кӯли Сарез ва чашмаи Фотима Заҳро дар Бадахшон, Ҳафткӯл дар Панҷакент, Кӯли калон миёни ноҳияи Айниву Панҷакент, Искандаркӯл ва кӯлҳои Аловиддин дар Айнӣ, кӯли Париён миёни Қаратоғу Панҷакент мебошанд, ки ях барин сардаңду обашон ширини ба ошомиданӣ раво. Ҳамасола ҳазорҳо ҳазор сайёҳони шефтаву шайдои мувоҷеҳи ин манзараҳо, шигифт аз кӯлу кӯҳу гуногунрангии табиати Тоҷикистон, ки дилкашу дилнишину дилрабоянд, сол аз 12 моҳ по аз ин ҷо намекананд.

Вахон водиест дар Ишкошими Бадахшон, ки бо нӯшдоруҳояш дар ҷаҳон маъруф гашта. Ва кӣ намедонад Гармчашмаро, ки таркиби оби онро маъданҳо ташкил мекунанду аз синаи кӯҳ об бо ҳарорати 59 дараҷа ҷорӣ мешавад. Беморони зиёде аз сартосари дунё дар ин ҷо шифои комил меёбанд, ки дар ҳаёт исбот шудааст. Аҷобати кор он аст, ки чунин чашмаҳои шифобахш аз он суни об дар Ишкошими Афғонистон қариб, ки нест, ҳарчанд як ҷузъи Бадахшонанд.

Ё худ мегирем Чилучорчашмаро, ки як муъҷизаест дар воқеъ дар 12 километрии шаҳраки Шаҳритӯз, ки воқеан 40 чашма аз қаъри замин баромада ба ҳам меоянд. Мардум онро муқаддас медонанд. 17 чашмаи он шифоист ва ҳам солиёни дароз зиёратгоҳи мардум.

Чилдухтаронро достонест пуроби чашм. Мавзеест дар ноҳияи Мӯъминобод. Бино бар қавли мардум ва бовари сокинон бо мӯҷиби он ки заминҳои ин минтақа ҳосилхезанду зери он пур аз боигарӣ аҷнабиён инҷоро қасди ғасб мекарданд ва ҳамеша аз ҷавонмардон ва муҳофизони диёр шикаст мехӯрданд. Боре дар чунин муҳориба, ки аз ҷиҳати шумора аҷнабиён беҳад буданд, мардон дар муқовимати шадид ҳалок мешаванд. Барои дифои ватани худ занону кӯдакон бармехезанд, аммо нерӯҳо нобаробар буданд ва эшон аз чор тараф дар муҳосира меафтанд. Ва дуои ин 40 духтар мустаҷоб мешаваду ҳар яке ба кӯҳ табдил меёбад. Ҳоло ин муҷассамаест табиӣ тамошогаҳи тарафдорони табиат.

Шаршараи Сарихосор дар шукуҳу шаҳомат ба шаршараи машҳури Салто Анҷел ё худ Анхел рост наояд ҳам, дар зебогӣ аз Ниагара ҳиҷ камӣ надорад.

Аз чор унсур якеш об мебошад, ки мардуми сайёра ба он сахт ниёз дорад ва аз камбуди он танқисӣ мекашад. Аммо дар Тоҷикистон ин неъмати бебаҳо вофир аст, ки 90 фоизи баҳри Арал аз ҳисоби тармаву пирях ва дарёчаҳои кӯҳӣ мебошад. Ва таъкид ба ҷост, ки 95 фоизи истеҳсоли нерӯи барқ дар НБО тавлид мешавад. Чун барқ аст, истеҳсолот низ пешраву пешдав хоҳад шуд. Корхонаҳои бузурги истеҳсолии пешин ва ҳам дар замони соҳибистиқлолӣ таъсисшуда фаъоланд, ки ба яке аз онҳо ширкати алюминии ТоҷикТалко шомил аст, ки неруи барқро ба ин корхонаи азим НБО-и Норак таъмин мекунад.

Воқеан НБО-и Норак нодиртарин неругоҳ буда, дарғоти он дар ҷаҳон назир надорад. Барои боз ҳам афзоиш додани истеҳсолот ва таъмини ниёзи мардум ҳамоно неруи барқ басанда нест, з-ин хотир дар дарёи Вахш неругоҳи бузургтаре бо унвонии НБО-и Роғун сохта мешавад, ки одамӣ то ҳол ҳамсонашро надида. Баъди ба истифода додани ин неругоҳ корхонаҳои саноатии кишвар ба вижа пойтахти он бо иқтидори пурра кор хоҳанд кард, ки нафъи он ба кулли мардуми минтақа хоҳад расид.



Воқеан каме андар боби шаҳри Душанбе. Пойтахти Тоҷикистон буда, беш аз 1 миллион аҳолӣ дораду таърихи навинаш ва ҳам рисолаташ чун маркази мамлакат 90 сола. Ҳарчанд таърихи беш аз 2000 сола дорад ва ҳадс задан мумкин аст, ки дар аҳди сулолаи Кӯшониён бунёд ёфтаву рушд карда. Дар асрҳои XVII дар сарчашмаҳои таърихӣ ин русто бо ҳамин унвон вомехӯрад, чаро ки рӯзҳои душанбе дар ин ҷо бозори калоне мешудааст. Аммо чун маркази Тоҷикистон баъди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтан аввал соли 1924 чун маркази ҷумҳурии мухтор ва баъдан соли 1929 пойтахти Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон. Аз як деҳаи деворҳои хонаҳояш гилину бомҳои бо қамиш пӯшонда, кӯчаҳои тангу торики пур аз хоку чангу дар мавсими боришот пур аз лой дар муддати 90 сол тоҷикон тавонистанд онро ба бузургтарин шаҳри Тоҷикистон, ки дар Осиёи Миёна ба яке аз шаҳрҳои калонтарини саноатӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва маркази сиёсиву илму маърифатӣ табдил бидиҳанд. Ба ин таҷрибаи ҳазорсолаҳои шаҳрсозиву тамаддунофарии тоҷикон мусоидат намуд. Барои исботи ин иддао далоили бештаре дар даст дорем, аз он ки мавҷуд аст. Ба хусус дар замони соҳибистиқлолии мамлакат шаҳри Душанбе бо суръати астрономӣ шаклу шамоил, тарҳу дизайни худро бо дарназардошти меъмории шарқӣ ва менталитети миллӣ тағйир дод. Баландтарин парчами дунё дар маркази шаҳр афрохта шуд. Як қатор биноҳои муосири фароғатӣ қомат афрохтанд. Дар заминаи аспрези пойтахт Наврӯзгоҳ таҳия шуд, ки чорабиниҳои бузурги фарҳангӣ ҳамин ҷо доир мешаванд. Дар назди кӯли ҷавонон Кохи Наврӯз бино ёфт ки дар кулли Осиё назир надорад. Тарабхона, ҷойи дилхушӣ барои ҷавонон, чойхонаи миллӣ, толори кино, хуллас як маҷмааи кандакорӣ ва гулкашиву мусавварaҳоро бо анъанаҳои қадимаи тоҷикона устодони чирадасти маҳаллӣ анҷом додаанд. Меҳмоне нест, ки баъди дидани он шигифту ҳайрон намонад.

Корхонаҳои бузурги саноатӣ фаъоланду дар пайи истеҳсолот.

Чун дар хуну пӯсти мардуми тоҷик фарҳанг шараён дорад, ҳар чӣ бештар ба он таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Мубалиғи асосии муқаддасот ва арзишҳои инсонӣ ин театр мебошад ва ҳиҷ наметавон тоҷикистониёнро бе театр тасаввур кард, чунки ин омилҳоро дар ҳаёт зарууртар аз ҳама чиз медонанд. Дар сартосари Тоҷикистон 17 театр фаъолият мекунанду ба мардум бо забони гуногун ғизои маънавӣ мебахшанд.Театрҳои бонуфузи Тоҷикистон ин Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А.Лоҳутӣ, Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С.Айнӣ, Театри давлатии русии Тоҷикистон ба номи Маяковский мебошанд, ки репертуари онҳоро ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам берун аз он ихлосмандони театр тамошо мекунанду мунақидон баҳои баланд медиҳанд. Борҳо дар фестивал озмунҳои байналмилалӣ ширкат карда, бо шоҳҷоизаҳо баргаштаанд. Ҷалб шудани одамон ба театр ба дониши онҳо вобастагӣ дорад. Ба даст омадани истиқлолият боис ба он шуд, ки шумораи макотиби олӣ ба 38 адад расид. Бонуфузтарини онҳо, ки мақоми миллӣ доранд, инҳо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Консерваторияи миллии ба номи Талабхӯҷа Сатторов мебошад. Ҳамчунин як қатор донишгоҳу донишкадаҳои байналмилалӣ ва муштарак ба толибилмон дарс мегӯянд.

Мусаллам он аст, ки тоҷикон таърихи куҳан доранд. Ковишҳои бостоншиносон дар хиттаи Тоҷикистон ба он натиҷа расиданд, ки аз зери замини ин ҷо ёдгорӣ ва нигораҳои қадима ёфт шудаанд то ба аҳди империяи Ҳахоманишиҳо рост меояд. Шаҳрҳои қадимаи ёфтшуда синну солашон тақрибан ба 6000 сол мерасад дар мисоли Саразм, ки қадимтарин шаҳри дунёист.

Ва шаҳрҳои то 3000 сола хеле зиёданд ба амсоли Хуҷанд, Ҳулбук, Ҳисор, Панҷакенти куҳан, Фархор, Кангуртут ва вопасин бозёфти ҳангуфт шаҳри Карон дар ноҳияи Дарвоз мебошад, ки агар кас гузараш ба ин сӯ биафтад, ҳатман аз ин ёдгориҳои меъморӣ дидан мекунад.

Саразм ҳамчун мероси умумибашарӣ ва шаҳри Ҳисор ҳамчун мероси умумибашари дар самти роҳи бузурги Абрешим аз ҷониби Юнеско эътироф шудааст ва акнун ин шаҳрҳо зери дифои ин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ хоҳад буд.

Муаррихону бостоншиносон давраи тиллоии тоҷиконро дар аҳди Кӯшониён мебинанд, ки маҳз дар ҳамин давра роҳи бузурги абрешим чун раги замин ба ҳар сӯи ҷаҳон барои тиҷорат роҳ мекушод.

Будои хуфта, ки аз мавзеи Аҷинатеппа ёфт шудааст, мутааллиқи ҳамин давра аст. Шоҳони кӯшонӣ тамоми чораҳоро меандешиданд, ки хасме дар ин роҳ ба тоҷирон халал ворид накунанд. Боқимондаи дидбонгоҳҳои тахрибшуда дар Бадахшон машҳур бо унвонии қалъаҳо Қаҳқаҳа далеланд бар ин ангораи мо.

Мактабу мадрасаҳову маъбад аз ҷиҳати меъморӣ ва тарҳу дизайн беназиранд. Мадрасаҳои Ҳисор, Хоҷа Машҳад, Раҷаб додхоҳ, Мадрасаи Ойим, маъбади Тахти Сангин аз гароиши донишгирии миллати тоҷик дарак медиҳад.

Чун донишандӯзиву шаҳрсозӣ одати тоҷикон аст, ин анъана то ҳол побарҷост. Бузургтарин Китобхонаи миллӣ бо тарҳи муосир ва нодир барои китобдӯстдорон сохта шудааст. Ҳамаи бозёфтҳои таърихӣ аз сулолаи Ҳахоманишиҳо ва ҳатто аз он пештар то дастовардҳои бузурги замони кунунӣ дар Осорхонаи миллӣ нигаҳ дошта мешаванд.

Дар ин сарзамин ҷашнвораву идҳоро дӯст медоранд. Иди калоне, ки мардум онро бесаброна раҳ мепоянд, ин иди Наврӯз асту ҷашни Истиклолияти давлатӣ ва ҷашни Ваҳдат мебошад, чаро ки чун ид шуд ҳар кас зи иде идие дорад ҳавас. Воқеан, баъди талошҳои зиёд ва пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Юнеско ба иди Наврӯз мақоми умумиҷаҳонӣ лоиқ дониста шуд.

Солҳои охир ба варзиш дар мамлакат аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Дар шаҳру навоҳии Тоҷикистон, маркази вилоятҳо ва ҳамчунин шаҳри Душанбе чандин иншооту варзишгоҳҳои муҳташам сохта ба истифода дода шуд, ки ҷавобгӯи меъёрҳои ҷаҳонист. Ва албатта, ин талошҳо самараи худро дод ва дар бозиҳои олимпии Рио де Жанейро гурзандози тоҷик Дилшод Назаров унвони чемпиони бозиҳоро ба худ ихтисос дод.

Хуллас, Тоҷикистон сарзаминест барои сайру сайёҳӣ, ки таассуроти бою рангин мебардорад ҳар нафар, ки ба ин ҷо қадам гузошт ва афсонаву тахаюлоту рӯёи худро дар ҳамин ҷо имкони амалӣ кардан дорад. Нуқтаи ниҳоӣ боз ҳам шаҳри Душанбе мегардад барои ҳар як сайёру сайёҳ, ки рӯз ба рӯз не, соат ба соат орази худро нав мекунад, гулистону бӯстон, фаввора, ҳавои тозаву насими айём ҳар нафарро то як соли оянда рӯҳбаланд мекунад. Ҳамаи ин композитсия бо муҷассамаи асосгузори давлати Тоҷикон Исмоили Сомонӣ ҷамъбаст мешавад ва кӯфти роҳро ҳатман истироҳат дар дараи зебоманзари Варзоб ва ё дараи дилфиребӣ Ромит баровардан мумкин аст, охир Тоҷикистон аст ин ҷо!

# "ОЛАМИ МАЪНӢ" ДАР КИТОБХОНАИ ДТТ

Чандест ки дар китобхонаи ДТТ маҳфили адабӣ таҳти унвони "Олами маънӣ" амал мекунад. Маҳфил дар як моҳ ду бор баргузор гардида, ҳаводорони худро пайдо кардааст. Мақсади маҳфил фазое офаридан, муҳите сохтан барои нафарони илмдӯсту маънифаҳм мебошад, ки дӯстдори чунин маҳфилҳо ҳастанд, Муҳтавои маҳфил гуфтугӯи ақлҳо, суҳбатҳо, баҳсҳои дӯстона аст. Мавзӯи суҳбат аз ҷониби аъзоёни маҳфил интихоб мегардад. Садри маҳфил Ситора Абдумуминзода - мудири китобхонаи донишгоҳ буда, барои беҳтару бештар ҷолиб гардидани мазмуну муҳтавои ин суҳбатҳо мусоидат менамояд. Барои хубтару хуштар баён намудани андеша, пешниҳод, хулоса, барои аъзоёни маҳфил бо андешарониву мулоҳизааш дарс меомӯзад. Воқеан, як паҳлуи ҳадафи маҳфил низ такмили маҳорати суханварӣ аст. Суханварӣ илмест, ки фасоҳату балоғати суханро меомӯзад, маҳфил низ фазоест, ки ҳунарманд дар он бол мезанад ва паридан меомӯзад. Нақши маҳфил дар китобхона хеле муфиду муассир аст. "Аз хондани бисёр ботини инсон, мафкураи ӯ, пиндор, гуфтор, рафтор ва фарҳанги ӯ куллан тағйир меёбад ва шуълаи илмҳои андӯхтааш дар маърифат ақлу заковат ва дониши воло инъикос мегардад", иштирок дар чунин маҳфилҳо омили шукуфтани ғунчаҳои вошуда гардида, раҳнамун месозад ба шоҳроҳҳои бузурги эҷоду эъҷозҳо. Баёни равонии андеша, балоғату фасоҳати андеша аз такмилдиҳии он нерӯ гирифтаву месабзад. Вижагиҳои хоси маҳфил пайгирӣ мекунад, ки хонанда завқи бештар дошта бошад ба китобу китобхона. Нақш мезанад ба ҳисси баланд андӯхтан дар ҷавҳари зеҳнии хонанда некҳадафиро, донишу маърифатро, эътимодро, эътиқодро ба ин хоку ин сарзамин, пос доштани муқаддасоти миллиро, арҷгузориро ба бузургони он, ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ, таҳкими сулҳу ваҳдати пойдор ва муҳимияту арзиши зиндагиро. Истеъдоди фитрӣ, маҳорати нуҳуфта дар қалбро ба таҷаливу завқ меорад ва тақвият мебахшад. Ташаккули ҷаҳони маънавии инсонро рушд дода, ба инсони мукаммал, комил шудан поягузор мегардад. Китобхона, ки вазифаи маркази маданӣ-фарҳангӣ ва иттилоотиро ба дӯш дорад, барои таъмини муваззафии худ бо рӯҳу илҳоми созанда раҳнаварди роҳи донишро бо маърифатдӯстӣ даъват намуда, воситаи густариши ҷаҳонбинии илмии ӯ мегардад ва таъмини фазои иттилоотиро барояш муҳайё месозад. Боқӣ дарку арзишпазирӣ қазовати худи хонанда аст. Ҳадаф аз иншои ин сатрҳо тарғиби маҳфил аст, ки шояд бисёриҳо аз баргузорияш огаҳ нестанд ва баёни нақши маҳфил дар китобхона аст.

***Тагойгул Саъдуллоева, китобдори донишгоҳ***

# СӮХТАН АЗ ОБИ ҶӮШ ВА РАСОНИДАНИ ЁРИИ АВВАЛИН

Тавсия



Ҳодисаҳои аз оби ҷӯш ё хӯроки сӯзон сӯхтани дасту пой ва дигар аъзои бадан кам нестанд. Дар чунин ҳолатҳо ба шахсони осебдида аввалин ёриро шахсони наздики хонавода мерасонанд. Нафароне ҳастанд, ки воқеан аз қоидаҳои асосии ёрии аввалини тиббӣ бархӯрдоранд ва дахолати онҳо ба ин гуна ҳолатҳои ногувор ба манфиати шахси зарардида мегардад, аммо амалҳои бисёриҳо ҳангоми сӯхтани дасту пой аз оби ҷӯш ё хӯрок бо ҷурми надонистани одитарин талаботи ёрии аввалин метавонанд, ба қавли мардум "болои сӯхта намакоб" шавад. Пас, мо дар ин матлаб мехоҳем дар хусуси қоидаҳои асосии ёрии аввалини тиббӣ ба осебдидагон маълумоти мушаххас диҳем. Аввалин коре, ки бояд шумо анҷом диҳед, ин зери оби хунук доштани ҷойҳои сӯхтаи бадан ба муддати 10-15 дақиқа аст. Ё ба болои ҷойи сӯхтагӣ яхро бо халтачаи селофанӣ гузоштан хуб аст. Ҳангоми сӯхтани дасту пой, рӯй ва ё аъзои дигари бадан ҳаргиз аз равғану ҷурғот ва сметана истифода набаред, ки вазъи саломатии шахси осебдидаро бадтар месозад ва барои шифоёбии ҷойҳои сӯхтаи бадан мушкилӣ эҷод мекунад. Дар ҳама ҳолатҳои сӯхтан баъд аз ёрии аввалин ҳатман ба духтур муроҷиат кардан зарур аст. Духтур дараҷаи осеби расидаро муайян ва барои табобати он маводи зарурии доруворӣро таъйин менамояд. Шумо бояд донед, ки молидани зелёнка ва йод ба ҷойи сӯхтагӣ баманфиат нест. Ин усулро, ки қаблан зиёд истифода мешуд, ба кор набаред. Маводи муосири пешгирикунандаи обилакунии ҷойи сӯхта, сироятёбӣ, яраи зиёд шудан ва кам кардани сӯзиши дард зиёданд. Яке аз онҳо ПАНТЕНОЛ СПРЕЙ аст, ки дар ин ҳолатҳо хеле таъсири хуби табобатию барқароркунанда дорад. Дар дорухонаҳо намунаҳои гуногуни ин дору мавҷуданд ва бо тавсияи мутахассисон метавонед аз онҳо истифода баред, аммо боз маслиҳат медиҳем, ки ҳангоми харидории чунин мавод ҳатман ба варақаи тавсиявии онҳо таваҷҷуҳ намоед, зеро баъзеи онҳо чун маводи ороишӣ низ ба қайд гирифта шудаанд. Дастуру маслиҳатҳои аз ин бештарро шумо метавонед аз табибони оилавӣ ва соҳавӣ пайдо кунед. Муҳимтар аз ҳама, дар муҳити оила худро аз ин гуна ҳодисаҳои ғайриинтизор ҳифз намоед. Ба хусус ба кӯдакон дар мавриди бо обу оташ бозӣ кардан, назди манбаи сӯзишвориҳо қарор доштан ва дигар ҳолатҳои осебёбӣ аз маводи сӯзон маълумот диҳед. Ҳамеша эҳтиёткор бошед!

## Сафедии тухм



Меъёри қанд дар организми инсон муҳим дониста мешавад. Баланд будани он сабабгори пайдоиши бемориҳо шуда метавонад. Ба хусус диабети қанд, ки солҳои охир шумораи гирифторон ба ин беморӣ зиёд мушоҳида мешавад. Дар ин хусус марказҳои тадқиқотӣ ва олимони соҳа солҳост пажуҳиш мегузаронанд ва барои ба эътидол омадани меъёри қанд дар организм тавсияҳои гуногун медиҳанд. Маводи доруворӣи зиёд ҳам барои танзими меъёри қанд дар хун коркард шудааст. Дар ин раванд мутахассисон аз дастовардҳои тибби мардумӣ низ истифода мебаранд, аммо дар аксари ҳолат ҳама дар он ақидаанд, ки реҷаи ғизохӯрӣ дар кам ё зиёд шудани меъёри қанд дар организми инсон нақши асосиро мебозад. Гурӯҳи олимони амрикоӣ маълум кардаанд, ки кадом маводи ғизоӣ меъёри қандро дар организм ба танзим медарорад. Тибқи озмоишҳои олимони амрикоӣ сафедии тухм меъёри қандро дар организм ба эътидол меорад. Он на танҳо нақши танзимкунанда дорад, балки фаъолияти майнаи сар ва мушакҳоро хуб мегардонад. Сафедии тухм ҳамчун маводи ғизоӣ дар қиёс бо дигар ширинихое, ки мо истеъмол мекунем, ба инсулин таъсиргузор нест. Таҷрибаҳое, ки олимони амрикоӣ дар ин самт анҷом додаанд, асоси илмӣ дошта тӯли чанд соли пажуҳиш ба даст омадаанд.

## Гелос



Аз қадимулайём маълум аст, ки меваю сабзавот аз витаминҳои ба организм зарурӣ бой ҳастанд ва истеъмоли пайвастаи онҳо ба саломатии инсон хеле баманфиат аст. Ҳар як мева ё сабзавот аз нигоҳи таркиб ва ғизонокӣ гуногун буда ба рушди саломатӣ, таъмини норасоии витаминҳо дар организм ва пешгирию табобати бемориҳо нақши вижа дорад. Масалан, меваи гелос, ки хеле маъмул аст ва мо онро ҳамеша истеъмол мекунем. Олимон муайян кардаанд, ки истеъмоли гелос дар барқарорсозии организм ва рӯҳу равони инсон хеле муфид аст. Хӯрдани меваи гелос пайдошавии бемориҳои саратон ва дилу рагҳоро пешгирӣ мекунад. Олимон дар таркиби ин мева моддаи мелатонинро пайдо намуданд, ки фаъолияти биоритмӣ ва хоби одамонро ба эътидол меоварад. Гелос аз витамини С ва глюкоза бой аст. Аз ин рӯ, истеъмолаш организмро зуд ба ҳолати муқаррарӣ бармегардонад. Истеъмоли пайвастаи гелос нури чашмро зиёд мекунад, зеро дар таркиби он маводи бета-каротин мавҷуд аст. Олимон муайян кардаанд, ки ҳар нафаре агар соле то 3 кг гелос истеъмол намояд, аз бемориҳои марговар камтар осеб мебинад. Косметологҳо муайян кардаанд, ки гелос аз пӯсти бадан ҳама гуна микробу маводи заҳрогинро берун месозад ва ҳолати пӯстро беҳтар мекунад. Меваи гелос ба фаъолияти узвҳои ҳозима ҳам хеле баманфиат аст. Он меъёри холестеринро дар хун кам карда рагу пайҳои баданро пурқувват месозад. Пас, дар номгӯйи ғизо ва дастархони худ ҷой додани ин меваи ҳаётбахшро фаромӯш накунед.

*Таҳияи Салимзода Меҳрона*

# ОЗМУНИ «ҚАННОДИ БЕҲТАРИН»



**12-уми март дар Маркази таълимии калонсолони шаҳри Душанбе бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ озмуни "Қаннодии беҳтарин" дар байни 8 факултети донишгоҳ гузаронида шуд, ки дар он гулдухтарони донишгоҳ маҳсули дастони худ, аз қабили торт, кулчақандҳо ва дигар ширинихоро ба намоиш гузоштанд.**

**Ҳакамони озмун: Зарина Юсупова, муовини ректор оид ба тарбия, Хубони Сорбон, раиси занон ва духтарони донишгоҳ, Ҷӯраев Олим, раиси Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони донишгоҳ, Абдуллоева Муқаддас, устоди донишгоҳ, мутахассиси соҳаи хӯроквории, Холиқов Музаффар, раиси иттифоқи касабаи донишҷӯёни донишгоҳ ба ҳунари кадбонугии донишҷӯдухтарони факултаҳо баҳои ҳаққонӣ дода, ғолибони озмунро ба таври зайл муайян намуданд: ҷойи якум Ситораи Муродалӣ, намояндаи факултети муҳандисӣ-технологӣ (барои омода кардани торти мевагӣ), ҷойи дуюм Сурайё Иззатова, намояндаи факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ (барои тайёр кардани торти "сникерс"), ҷойи сеюм Шерова Фариза, намояндаи факултети менеҷменти байналмилалӣ ва инноватсионӣ (барои тайёр кардани торти "чакан") ва Раҳимова Садбарг, намояндаи факултети иқтисодиёти ҷаҳон ва маркетинг (барои омода намудани торти "атлас").**

**Инчунин намояндаи факултети муҳандисӣ-технологӣ Шодиева Дилшода барои тайёр кардани торти парҳезӣ ба гирифтани Гран-прӣ (диплом)-и Маркази таълимии калонсолони шаҳри Душанбе мушарраф гардид.**

**Ғолибони озмун аз ҷониби Раёсат ва Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони донишгоҳ бо туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.**

*Р. Масъуд*

# БУЗУРГОН ДАР ВАСФИ КИТОБ

*Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,*
*Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.*

**Абдураҳмони Ҷомӣ**

"Ман китобро чун гул мебӯям, чун шахси меҳрубонтарин дар оғӯш мегирам ва чун суҳбатнигори вафодортарин дӯст медорам".

"Китоб оинаи шаффофтарин аст, фақат гуноҳро намегӯяд ва илмро тӯҳфа менамояд"

**Екатеринаи Бузург**

"Китоб - ин решагузори хирадмандист"

**Я. Коминский.**

"Китоби нағз - васиятномаи беҳтарини нависанда ба инсоният аст".

**Д. Леон.**

"Китоб намиранда аст - насли абадии фаъолияти инсонист".

**С.Самайлис.**

"Бисёриҳо аз мутолиаи китобҳои фаронсавӣ бехобӣ доранд, ман бошам дар ҳаққи адабиёти рус беморам".

**А.С. Грибоедов**

"Офарандаи китоб муаллиф аст - тақдири минбаъдаи китоб ба виҷдони ҷамъият супурда мешавад".

**Аз халқ**

" Инсоният аз фикри солим бозмемонад , агар аз китобхонӣ даст кашад".

**Денни Дидро, файласуф**

"Халқи аз китоб маҳрум ба инсоне шабоҳат дорад, ки бе оина рӯи худро дида наметавонад".

**Расул Ғамзатов**

Китобҳо инсонро ба беҳтарин ҷамъият ворид мекунад, бо тафаккури волои ҳамаи замонҳо ошно месозад.

**У.Чэнинг**

Ҳаёт бояд аз китобҳо пур бошад, аз китобҳое, ки бо ҳаёт пур шудаанд.

**Аврелий Марков**

Китоб - дӯсти инсон, дӯстро бошад интихоб карда тавонистан лозим

**Иля Герчиков**

*Таҳияи С. Абдумуминзода*

## ҲАМДАРДӢ

**Раёсат, иттифоқи касаба, ҳайати кормандону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба муовини ректор оид ба равобити хориҷӣ ва масоили иҷтимоӣ Бобоев Хаёл Бобоевич нисбати даргузашти бародараш ТИЛЛО БОБОЕВ ҳамдардӣ баён карда, ба ӯ ва хешону наздиконаш аз Худованди мутаол сабри ҷамил хоҳонанд.**


Фановар

*Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.*

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ҳакимов Ғ.Қ., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ӯхда намегирад.

*Рӯзнома 04 июли соли 2017 таҳти рақами 007/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 1000 нусха.*